**ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ МУБОРАК, ТОҶИКИСТОН!**

*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 39 - 40 (4622 - 4623) | ҶУМЪА, 17 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи озод ва таъин намудани судяҳо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Ҷалилзода Хусрав Раҷабалӣ бинобар ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Суди иқтисодии вилояти Хатлон озод карда шавад.

2. Мирзозода Парвиз Таваккал раиси Суди иқтисодии вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 14 марти соли 2023, № 542**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 98, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Хайрзода Ш. Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 99, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Данғара озод намудани Шоҳиён Н. Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шоҳиён Нуралӣ Набот бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Данғара озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 100, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Шерзода С. Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шерзода Ситора Ҷалол бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 101, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Аламзода И. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Аламзода Исроил Бобо бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 102, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Мирзозода А. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзозода Ардашери Абдуғаффор бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 103, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҷумазода С. Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҷумазода Сабур Ҷамол бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи муовини директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 104, ш. Душанбе**
**Дар бораи ректори Донишгоҳи давлатии Данғара таъин намудани Хайрзода Ш. Қ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ ректори Донишгоҳи давлатии Данғара таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 105, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини якуми директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Зарифзода Х. З.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Зарифзода Хуршед Зариф муовини якуми директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 106, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сафарзода А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сафарзода Алим муовини директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 107, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Каримзода Р. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Каримзода Раъно Алиҷон муовини раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 108, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини якуми сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Мирзозода А. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзозода Ардашери Абдуғаффор муовини якуми сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 109, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Азиззода Т. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Азиззода Табассум Баҳром муовини сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ
### ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 16 марти соли 2023, № 110, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Рустамзода М. Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Рустамзода Малоҳат Рустам муовини директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## АМРИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Назарзода Зарина Нарзиқул муовини директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 14 марти соли 2023, № АП-348**



**«Наврӯз чун рамзи пайванди азалии инсон бо табиат дар шабу рӯзҳои эътидоли баҳориву иваз шудани сол фаро мерасад ва бо расидани он рӯзгори куҳан зиндагиро аз сар мегирад, табиату ҳастӣ рахти нав ба тан мекунад ва дар рӯҳу ҷони одамон гардише падид меояд.**

**Ҷашни Наврӯз дар тӯли асрҳо, дар баробари ин ки ба ривоҷи маданияти зиндориву зироаткорӣ ва боғдориву ободгарӣ мусоидат намудааст, ҳамчунин ба инсонҳо чун фарҳанги волои ҳамёриву ҳамкорӣ ва омили муҳими таҳкими сулҳу ваҳдат ва тавсеаи накукориву хайрхоҳӣ хизмат кардааст».**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

## ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022»-ро баррасӣ намуда, бо мақсади таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷамъият ва давлат, мутобиқи моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунад:**

1. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022» ба маълумот гирифта шавад (замима мегардад).

2. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҷиҳати тақвият бахшидани назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳо тадбирҳои дахлдор андешад;
- назорати прокурориро дар самти таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бахусус ҳифзи ҳуқуқҳои ноболиғону маъюбон, пурзӯр карда, ҷиҳати сари вақт ва пурраву ҳамаҷониба баррасӣ намудани муроҷиатҳои шаҳрвандон ва қабули онҳо аз ҷониби шахсони мансабдор таваҷҷуҳи хоса диҳад;
- фаъолиятро оид ба назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи манзил, меҳнат, маориф, тандурустӣ, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ ва дигар бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ таҳким бахшад;
- бобати пешгирии қонунвайронкуниҳо дар самти идора ва ихтиёрдории моликияти давлатӣ, буҷет, андоз, нақлиёт, гумрук, дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, ҳимояи рақобат ва ҳуқуқи истеъмолкунандагон, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ҳифзи муҳити зист, тадбирҳои иловагӣ андешад;
- назоратро дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, аз ҷумла, истифодаи самараноки заминҳои корам, пешгирии изофанависии майдони кишт ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини сифати озуқаворӣ, бахусус маҳсулоти хӯроквории воридотӣ ва доруворӣ, инчунин танзими нарх дар бозори истеъмолӣ ҷоннок намояд;
- риоя ва иҷрои қонунгузорӣ дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таҳти назорати доимӣ қарор дода, барои роҳ надодан ба қабули қарорҳои ғайриқонунӣ, бахусус вобаста ба замин ва шаҳрсозӣ, чораҳои эътинoии прокурориро таҳким бахшад;
- бо таваҷҷуҳ ба вазъи сейсмикии минтақа, ҷиҳати риояи ҳатмии қонунгузорӣ дар бораи шаҳрсозӣ, аз ҷумла таъмини иҷрои қоидаву меъёрҳо ва сифати кору масолеҳи сохтмонӣ, чораҳои назоратиро пурзӯр намояд;
- дар ҳамоҳангӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, алалхусус ҷиноятҳои марбут ба терроризму экстремизм, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, савдои одамон, дахлнопазирии ҷинсӣ, иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятӣ, дигар ташкилоту ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ва муқовиматҳои мусаллаҳона дар ҳудуди дигар давлатҳо, таъмини амнияти фазои иттилоотии кишвар ва ҷиноятҳои киберӣ, тақвият диҳад;
- якҷо бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар субъектҳои дахлдор муқовимат ба коррупсияро дар мақомоту сохторҳои давлатӣ, бахусус гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва фурудгоҳҳои кишвар, таҳким бахшида, дар ҳамкорӣ бо Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати роҳ надодан ба амалҳои коррупсионӣ дар фаъолияти кормандони мақомоти судӣ ва қабули санадҳои судии хилофи қонун чораҳои таъхирнопазирро амалӣ гардонад;
- ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои беасос оғоз кардани парвандаҳои ҷиноятӣ, ғайриқонунӣ дастгир, ҳабс ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, шиканҷа ва истифодаи дигар амалҳои ғайриқонунӣ, назорати прокурориро дар самти риоя ва иҷрои қонунгузории моддиву мурофиавӣ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳким бахшад;
- иштироки прокуроронро дар мурофиаҳои судӣ ба таври самаранок таъмин карда, фаъолиятро ҷиҳати таъмини риояи қонунгузорӣ ҳангоми қабули санадҳои судӣ ва барқарор намудани зарар ҷоннок намояд;
- назорати риоя ва иҷрои қонунгузориро дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбӣ пурзӯр намуда, барои пешгирии содиршавии ҷиноят ва амалҳои ғайриоинномавии хизматчиёни ҳарбӣ тадбирҳои иловагӣ андешад.

3. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният бо ҷалби вазорату идораҳои дахлдор:

- таҷрибаи қонунгузорӣ ва амалияи дигар давлатҳоро дар масъалаи татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ нисбат ба шахсоне, ки ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсии хурдсолону ноболиғон содир кардаанд, мавриди омӯзиш қарор дода, дар ин самт ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешад;
- бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои марбут ба коррупсия зимни даъват ба хизмати ҳарбӣ, таҷрибаи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»-ро омӯхта, ҷиҳати муайян ва бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва такмили қонуни мазкур чораҷӯӣ намояд.

4. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба иҷрои қарори мазкур моҳи июли соли 2023 ва моҳи январи соли 2024 ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният гузошта шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 380**

22-юми март – Рӯзи ҷаҳонии об

# ОҚИБАТИ НОБУДШАВИИ ПИРЯХҲО НОГУВОР АСТ



**Тағйирёбии иқлим равандест, ки аз сокинони сайёра вокуниши саривақтиро талаб менамояд. Маҳз силсилаташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти обу иқлим таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ин масъалаи ҳаётан муҳим ҷалб намуд. Бо узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Абдуҷаббор Умарзода дар бобати тағйирёбии иқлим ва аҳамияти ташаббуси навбатии Пешвои миллат эълон шудани соли 2025 «Соли ҳифзи пиряхҳо» суҳбат доштем.**

**- Дар шароити тағйирёбии глобалии иқлим ин иқдом чӣ аҳамият дорад?**

- 14 - уми декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми кишвари моро дар соҳаи об якдилона бо қабули қатъномаи махсус тасдиқ намуд. Тибқи он, соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон шуд. Инчунин, аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол 21-уми март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо таҷлил мешавад.

Мутобиқи ин қатънома Созмони Милали Муттаҳид таҳти ҳамоҳангии Дабири кулли ин созмон Фонди трастии мақсаднок, яъне Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимодро ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо таъсис медиҳад. Мувофиқи қитъномаи мазкур, соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо баргузор мегардад.

Ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он дарак медиҳад, ки чунин иқдомҳо на танҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии давлатҳо, балки ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи захираҳои обӣ, инчунин, муҳофизати пиряхҳо нақши муҳим дорад. Дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари пешрафти соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вазъи ҷомеа низ тағйир ёфта, барои ба танзим даровардани муносибатҳои муҳим дар ҳифзи пиряхҳо зарурати қабули санадҳои нав ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда пеш омаданд.

**- Обшавии босуръати пиряхҳо солҳо боз идома дорад. Агар ин раванд боздошта нашавад, чӣ оқибат дорад?**

- Мо ба марҳилаи ташвишовар ва хатарноки тағйирёбии иқлим расидем ва агар зуд иқдом накунем, метавонем ба мувозинати табиии сайёра зарари бебозгашт расонем. Тасаввури оқибати обшавии пиряхҳо даҳшатнок аст. Агар ин раванд бо суръати имрӯза идома ёбад, минбаъд аҳолии сайёра аз норасоии оби нӯшокӣ ва озуқа азият мекашанд. Бинобар ин, гузариш ба энергияи барқароршаванда яке аз роҳҳои коҳиш додани тағйирёбии иқлим мебошад.

**- Чӣ бояд кард, то суръати обшавии пиряхҳо боздошта шавад?**

- Мувофиқи тавсияи мутахассисон, кам кардани ихроҷи гази карбон, зиёд намудани майдони кишти зироати кишоварзӣ метавонад суръати обшавии пиряхҳоро коҳиш диҳад.



Инчунин, истифодаи технологияҳои муосир барои кам кардани газҳои карбон, зиёдтар шинонидани дарахтони сояафкан, гулбуттаҳо ва рушд додани истеҳсоли техникаҳои электронӣ, хусусан электромобилҳо, дар ин раванд саҳм гузошта метавонад.

**- Аҳамияти муҳофизати сарчашмаҳои обро ҳамчун мутахассиси соҳа чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Об пайвастагии табииест, ки ба танзими иқлим, обу ҳаво, ҳосилхезгардонии замин нақши муҳим бозида, манбаи асосии рушди иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки тағйирёбии иқлим, кам шудани масоҳати замини корам ҳамаро ба ташвиш овардааст. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 947 дарёи хурду калон ҷорӣ мегардад, ки дарозии умумии онҳо ба 28 ҳазору 500 км баробар аст. Инчунин, дар мамлакат беш аз 1300 кӯл бо масоҳати умумии 705 километри мураббаъ вуҷуд дорад. Илова бар ин, дар кишвари мо миқдори зиёди оби зеризаминӣ вуҷуд дорад. Ҳамаи ин сарвати беинтиҳои кишварамон мебошад ва ҳифзи онҳо барои рушди мамлакат аҳамияти хоса дорад.

Эътироф бояд кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи захираҳои оби кишвар солҳои охир тадбирҳои зиёде андешидааст.

**- Чӣ бояд кард, то иқлим ба самти мусбат тағйир ёбад?**

- Масъалаи тағйирёбии иқлим яке аз мушкилоти асри XXI ба шумор меравад. Таҳлил ва пешгӯиҳои олимону коршиносони ба таҳқиқоти илмии вазъи имрӯзаю ояндаи муҳити зист машғулбуда собит месозад, ки тағйирёбии минбаъдаи иқлим оқибатҳои бузурги табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи миллии амалро оид ба сабук намудани пайомади тағйирёбии иқлим тасдиқ намуд. Масъалаҳои тағйири иқлим ва амалисозии чораҳои мутобиқсозӣ ба ҷузъи муҳими «Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030» табдил ёфтаанд. Коршиносони соҳа ба хулоса омадаанд, ки газҳои гулхонаӣ сабабгори асосии тағйирёбии иқлими сайёра гардидааст.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи охир истифодаи оқилонаи захираҳои обро бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон устуворона пеш мебарад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли мушкилоти тағйирёбии иқлимро дастгирӣ намуда, «Созишномаи Париж оид ба Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии иқлим»-ро дар соли 2016 имзо ва соли 2017 ба тасвиб расондааст.

Татбиқи идоракунии ҳамаҷонибаи захираҳои табиӣ, пешгирии офатҳои табиӣ, такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва механизмҳои институтсионалӣ, таҳияи инфрасохтор барои рафъи таъсири манфии тағйирёбии иқлим муҳиманд.

**Мусоҳиб Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**



**Файзулло ҚОСИМӢ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Наврӯз яке аз маҳбубтарину маъруфтарин ҷашни миллии мардуми мо буда, аз қаъри асрҳо ёдгор мондааст. Ба гуфти олими шинохтаи тоҷик, академик Акбари Турсун: «Наврӯз қадимтарин ҷашни соли нав дар ҷаҳон буда, решаи таърихии онро дар қаъри ҳазорсолаҳо ҷустан мебояд».**

Ҳаким Умари Хайём дар «Наврӯзнома»-и хеш дар бораи таърихи ин ҷашни бостонӣ чунин мефармояд: «Чун Ҷамшед он рӯзи аввали мулуки Аҷам ба подшоҳӣ биншаст, хост, ки айёми солу моҳро ном ниҳад ва таърих созад, то мардум онро бидонанд. Бингаристанд, ки он рӯзи бомдод офтоб ба аввали дақиқаи Ҳамал омад, муъбадони Аҷамро гирд кард ва бифармуд, ки таърих аз ин ҷо оғоз кунанд». Ин нуктаро Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволаш чунин баён кардааст:

*Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,*
*Мар он рӯзро «Рӯзи нав» хонданд.*
*Сари соли нав Ҳурмузи фарвардин,*
*Баросуда аз ранҷ тан, дил зи кин.*
*Бузургон ба шодӣ биёростанд,*
*Маю ҷому ромишгарон хостанд.*
*Чунин рӯзи фаррух аз он рӯзгор,*
*Бимонда аз он хусравон ёдгор.*

# ҶАШНИ ПИРӮЗИИ ФУРӮҒ

Дар замони шӯравӣ, ҳарчанд Наврӯз расман ва бо шукӯҳу шаҳомат баргузор намешуд, аммо дар деҳот онро мардум бо ҳар ном таҷлил менамуданд. Масалан, дар водии Ҳисор оинҳои наврӯзиро бо номҳои «Деги дарвешон», «Ҷуфтбаророн», дар Бадахшон ҳамчун «Шогуни баҳор» ва дар Хуҷанд бо номи «Сари соли нав» баргузор мекарданд. Чорабиниҳои наврӯзӣ, аз қабили суманакпазӣ, гӯштингирӣ, бузкашӣ, дорбозӣ ва шеъру сурудхонӣ низ дар маҳалҳо роиҷ буд.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар кишварамон таҷлили Наврӯз шукӯҳу шаҳомати дигар гирифт. Чанд сол аст, ки ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар шаҳру навоҳӣ ва деҳоти кишвар Наврӯз бо шаҳомати хосса таҷлил мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси ин ҷашни бостонӣ соли 1999 чунин ибрози назар намуданд: «Наврӯз яке аз қадимтарин ва азизтарин ҷашнҳои миллии мардуми ориёнажод буда, бо мурури замон ба ҷашни дар ҳақиқат халқӣ мубаддал шудааст. Халқи мо беҳтарин орзуву умеди худро қабл аз ҳама бо Наврӯз, яъне соли нави анъанавии аҷдоди хеш пайванд медиҳад. Наврӯз пайки шодиву сурур, шукуфоиву зебоӣ, оғози киштукори баҳорӣ, паёми эҳёи табиат мебошад ва гардише дар рӯҳу ҷони одамон падид меорад».

Боиси ифтихор аст, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҷонибдории як қатор кишварҳои ҳавзаи Наврӯз, ба монанди Эрону Афғонистон, Туркия, Озарбойҷон, Ӯзбекистон, 23-юми феврали соли 2010 Шӯрои 64-уми



Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид «Қатънома дар хусуси рӯзи ҷаҳонии Наврӯз»-ро қабул кард ва Наврӯз байналмилалӣ шуд. Акнун ин ҷашни бостонии мардуми моро на танҳо дар Осиёи Марказию Эрону Афғонистон, балки дар дигар кишварҳои дунё низ бо номи аслияш таҷлил мекунанд. Яъне, боз як истилоҳи тоҷикӣ - форсӣ ба захираи луғавии дигар халқҳо ворид гардид. Илова бар ин, ҳамватанони бурунмарзии мо ин идро якҷоя бо намояндагии дипломатии Тоҷикистон ва диаспораю ҷамъиятҳои тоҷикон дар Федератсияи Россия, Беларус, ИМА ва кишварҳои Аврупо таҷлил мекунанд. Ин ҷашни бостонӣ фурсати муносибест барои тарғиби таъриху фарҳанги пурғановати мардуми мо. Дар баробари ин, намояндагони дигар халқҳо бо сарулибос ва таомҳои хоси мардуми тоҷик ошно гашта, таваҷҷуҳашон барои дидани диёри бостонии мо - ватани Наврӯз зиёд мешавад.

Азбаски Наврӯз ба айёми зиндашавии табиат рост меояд, гандумкорию ниҳолшинонӣ яке аз русуми деринаи он ба шумор меравад. Чунончи, дар маросими «Ҷуфтбаророн» деҳқони таҷрибадоре дастаи юғу испорро мегирифту пири равшанзамире дар домани ҷомааш як миқдор гандум дар майдони наздикии Наврӯзгоҳ (ҷойи таҷлили Наврӯз) ба замин мепошид ва деҳқон ғалларо зери хок мекард. Ҳамин тавр, бо дуои пирони рӯзгордида мавсими киштукор оғоз меёфт.

Нуктаи мазкурро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин шарҳу тавзеҳ додаанд: «Наврӯз дар тасаввур ва оини миллати қадимаи мо, умуман нажоди ориёӣ, иди пирӯзии нур бар зулмот ва тантанаи некӣ бар бадӣ аст. Наврӯз, ки як иди хеле табиист, на танҳо ба дили мардуми ориёӣ, балки ба қалби халқу миллатҳои дигар ҳам ба таври ҷовидонӣ маскан гирифтааст. Ин яке аз далелҳои равшани нақши тамаддунсози миллати кӯҳанбунёд ва фарҳангии мост».

Агар ба фалсафаи Наврӯз бингарем, он башариятро ба сулҳу салоҳ, пок нигоҳ доштани пиндору гуфтор ва ҳифзи муҳити зист даъват мекунад. Аз қадимулайём тоҷикон дар арафаи Наврӯз расми «хонабарорӣ» ё «хонатаконӣ» доштанд. Дар арафаи Наврӯз тоза нигоҳ доштани муҳити зист ва фаромӯш кардани кинаву кудурат аз ҷумлаи унсурҳои бузурги ин ҷашни бостонӣ ба шумор меравад, ки аз аҳамияти умумибашарӣ доштани он гувоҳӣ медиҳад.

Бо мақсади фаромӯш кардани ғаму андуҳ ва кинаю кудурат ниёконамон тарғиб менамуданд, ки дар Наврӯз хуррамӣ бояд кард, то тамоми сол нек бошад. Ин нукта дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём чунин таъкид шудааст: «Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ гузаронад».

Дар ҳақиқат, ҳеҷ як иде мисли Наврӯз чунин бонишот ва бошукӯҳу шаҳомат таҷлил намегардад. Ба таъбири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Наврӯз оғози сол, оғози зиндагии тоза, оғози умеду орзу ва бахту саодат буда, ба остонаи ҳар хонадон чун пайки шодиву нишот ва эҳёи замину табиат қадам мениҳад. Наврӯз бо фарорасии баҳор кулбаву кошонаи моро нуру зиё мебахшад, дар вуҷуди мо поктарин эҳсосот ва волотарин умеду орзуро бедор месозад. Бо нафаси муборaки хеш адовату кинаро аз замири мо дур месозад, меҳри бародарӣ, шафқату меҳрубонӣ ва хайру саховатро дар дили ҳар яки мо меангезад».

# ҲАФТ – РАҚАМИ МАХСУСИ ХОНИ НАВРӮЗӢ

## Мусоҳиба бо фолклоршинос Дилшод Раҳимӣ доир ба ҳикмати суннату анъанаҳои Наврӯз



**- Хони наврӯзӣ аз куҷо сарчашма мегирад?**

- Оростани хони наврӯзӣ аз замонҳои хеле қадим, 4-6 ҳазор сол пеш, ки ниёкони мо Наврӯзро ба ҳайси ҷашни баҳор таҷлил мекарданд, сарчашма мегирад. Бояд ёдовар шуд, ки суфраи наврӯзӣ суфраи ғизохӯрӣ нест, балки рамзӣ аст. Дар он замон, ки мардум худоёни гуногунро мепарастиданд ва мутобиқи тасаввуроти асотирии онҳо, барои хушнудии худоёну фариштагону арвоҳи гузаштагон ва орзую дархости ризқу фаровонӣ ҳар гуна маросимро барпо мекарданд.

**- Метавонед мисол оред?**

- Дар замони қадим ба хотири Аҳурамаздо ва шаш фариштаи ба ӯ наздик - Баҳман, Ардибиҳишт, Шаҳривар, Хурдод, Амурдод ва Исфанд, ки иҷрогар шуморида мешуданд, дар арафаи Наврӯз суфраи рамзӣ боз мекарданд. Ба хотири ҳар кадоми онҳо дар як табақ як унсури рамзӣ мегузоштанд. Масалан, ба хотири Аҳурамаздо, ҳамчун рамзи офариниш, тухми мурғ мегузоштанд. Ба хотири Баҳман, ки вазифааш нигаҳбони андешаи неку пок буд, дар косае шир мегирифтанд. Ба хотири Ардибиҳишт, ки фариштаи нигаҳбони тамоми растаниҳову дарахтону марғзорҳо буд, дар табақе сабза мегузоштанд. Барои фаришта Шаҳривар, ки нигаҳбони филизу маъданҳо буд, дар як табақ чанд сиккаи нуқра мениҳоданд. Ҳамчунин рамзи Хурдод, ки нигаҳбони об буд, дар зарфе об мегирифтанд. Ба хотири Амурдод, ки фариштаи ҷовидонӣ ва нигаҳбони гиёҳону хӯрданиҳо буд, сир (чеснок) мегузоштанд. Ба ёди фаришта Исфанд сипанд мегузоштанд. Ҳамин тариқ, «ҳафт табақ» хони рамзии ҷашни Наврӯз ба ҳисоб меравад.

**- Пас, калимаҳои «ҳафтсин» ва «ҳафтшин» чӣ гуна пайдо шуданд?**

- Мо табақҳои чинӣ дорем, ки аз Чин меоянд ва онҳоро чинӣ мегӯем. Дар Эрон ҳаминро синӣ мегӯянд, ки албатта, бо таъсири забони арабист. Яъне, дар алифбои арабӣ ҳарфи «ч» нест ва онро бо ҳарфи «с» ё «ш» иваз мекунанд, дар натиҷа «ҳафт синӣ» ва «ҳафт шинӣ» пайдо шуданд, ки бо гузашти замон пасванди «ӣ» афтиду «ҳафт син» ва «ҳафт шин» боқӣ монд. Аслаш ҳафт табақ аст ва ин суннати наврӯзӣ ба ҳарфи арабии «син» ҳеҷ иртибот надорад. Муҳаққиқони эронӣ ҳам бар он назаранд, ки «ҳафт син»-у «ҳафт шин»-е, ки ҳоло ҳаст, маънои ҳафт табақро дорад.

**- Тоҷикон аз ҳамон замон «ҳафт син» ва «ҳафт шин» доштанд?**

- Тавре ки мо зиёда аз 20 сол дар ин мавзӯъ таҳқиқот мебарем, дар бораи он ки тоҷикон «ҳафт син»-у «ҳафт шин» доштанд, маълумот наёфтем, зеро тавре дар боло ишора кардем, суннати мазкур дар Эрон пайдо шудааст ва то ҳол «ҳафт син» дар он ҷо роиҷ аст.

**- Модоме ки дар сарчашмаҳо «ҳафт син» -у «ҳафт шин» нест, пас, дар фарҳанги тоҷикон чӣ гуна пайдо шуданд?**

- Солҳои ҳафтодуми асри XX як қатор зиёиёни мо, аз қабили олимону тарҷумонҳо ва рӯзноманигорон, аз тарафи Иттиҳоди Шӯравӣ ба кишварҳои Эрону Афғонистон фиристода шуданд. Яъне, Иттиҳоди Шӯравӣ ба хотири анҷом додани корҳои гуногун дар кишварҳои зикршуда бештар аз тоҷикон тарҷумон мегирифт, зеро мо бо ин ду кишвар ҳамзабон будем. Зиёиёни мо аз рӯи касб фаъолият мекарданд ва ҳамзамон онҳо бисёр намунаҳои фарҳангро омӯхтанд ва ақидаҳои марбут ба «ҳафт син» -у «ҳафт шин»-ро омӯхта, дар мақолаҳои худ дарҷ намуданд. Ҳамин тавр, миёни мардуми тоҷик анъанаи «ҳафт син»-у «ҳафт шин» пайдо шуд.

**- Таҳқиқоти шумо маълум кард, ки тоҷикон дастархони наврӯзии ба худ хос доштанд?**

- Дар суҳбатҳои алоҳида, ки бо куҳансолони 80-90-сола анҷом дода будем, дар мавриди хони наврӯзӣ мепурсидам ва онҳо ҷавоб медоданд, ки бори аввал «ҳафт син»-у «ҳафт шин» - ро мешунаванд. Баъдан, дар умум дар бораи хони наврӯзии тоҷикона мепурсидам. Онҳо мегуфтанд, ки дар хони наврӯзӣ маҳдудияти рақамиву ҳарфӣ набуд. Балки дар хони наврӯзии тоҷикон, пеш аз ҳама, хӯроки баҳорӣ, ки гандумкӯча (дангича, фарбеч, кашк, боҷ, далда) меноманд, меистод. Дар атрофи ин хӯрок самбӯсаи алафӣ, ҷурғот, ғизоҳои сафедранг, ширу ширбиринҷ, кулча ва ғайра мегузоштанд, ки ҳар кадоме рамзи махсус доштанд.

**- Доир ба мавҷуд будани «ҳафтмева» дар хони наврӯзӣ чӣ назар доред?**

- Дар сарчашмаҳо меояд, ки «ҳафтмева» дар хони наврӯзии мо будааст. Ҳамчунин, «нӯшобаи ҳафтмева» суфраи наврӯзиро зеб медодааст, ки одатан мардуми тоҷик аз тобистони соли гузашта меваҳояшонро хушк карда, дар Наврӯз ҳамаи онҳоро дар як дег меҷӯшониданд.

**- Мо аз Наврӯз чиро ихтисор кардем ва чиро илова намудем?**

- Суғдиён, ки ниёкони мо буданд, дар арафаи Наврӯз дар вақти бомдод хурӯс қурбонӣ мекарданд. Дар баъзе сарчашмаҳо ҳам вомехӯрем, ки анъанаи «Мири наврӯзӣ» будааст. Мардум дар панҷ рӯзи қабл аз Наврӯз якеро ҳамчун мир интихоб мекарданд, ки ҳар сухани гуфтаашро иҷро мекарданд. Ин анъанаҳо ҳоло аз байн рафтаанд. Дар мавриди иловаҳо бояд гуфт, ки ду-се садсола пеш «деги дарвешон» пайдо шуд, ки ба хотири хайр кардан ба дарвешон буд. Дар асрҳои миёна сайрҳои наврӯзӣ пайдо шуданд, ки мардум дар ҳар деҳа ё маҳалла Наврӯзро ҷудогона таҷлил мекарданд. Ниҳоят, ҳамин анъанаи «ҳафт син»-у «ҳафт шин» барои тоҷикон дар сӣ-чил соли охир пайдо шуд. Падару модар ва бибию бобоҳои мо ин одатро намедонистанд.



**- Дар Наврӯз «хонатаконӣ» чӣ ҳикмат дорад?**

- Пок кардани муҳит аст, ки мутаассифона, ҷанбаи муқаддасии он аз байн рафтааст. Дар зимистон, ки дуди оташдону сандалӣ ва бухорӣ деворҳои хонаро сиёҳ мекарданд, дар гузашта лозим медонистанд, ки хонаҳоро пок ва сафед кунанд ва бо тозагӣ Наврӯзро пешвоз гиранд, вале ҳоло шароит дигар шудааст ва дастгоҳҳои гармидиҳии тозаи замонавӣ ба вуҷуд омадаанд ва ҳар кас дар вақти дилхоҳ ин корро анҷом медиҳад.

**- Дар мавриди «Даҳи Наврӯз» чӣ гуфта метавонед?**

- Дар оини зардуштӣ ақидае вуҷуд дошт, ки даҳ рӯзи охири пеш аз Наврӯз арвоҳи гузаштагон ба хонаҳояшон меоянд ва ба хотири онҳо дастархони наврӯзӣ пешкаш мекарданд. Ҳамин даҳа як анъанаи эътиқодӣ буд, бозмондаи он то ҳанӯз ҳам ҳаст, имрӯзҳо мардуми мо дар арафаи идҳо ба сари қабрҳо рафта, онҳоро тоза менамоянду ба рӯҳи гузаштагон дуо мехонанд.

**- Ҳоло дар мо чанд навъи таҷлил аз ҷашни Наврӯз маъмул аст. Дар замонҳои пеш чӣ хел буд?**

- Барои мисол, дар замони Сосониён Наврӯзро шаш рӯз ҷашн мегирифтанд. Наврӯзи деҳқонон, тоҷирон, сарбозон ва рӯзи шашум наврӯзи шоҳ буд, вале баъд аз аҳди муғул Наврӯз ва дигар намунаҳои фарҳангӣ рӯ ба таназзул ниҳоданд. Наврӯз ва дигар ҷашнҳои эронӣ аз дарбори ҳокимон берун шуд ва миёни мардум дар шаклҳои гуногун идома ёфт. Сайри мардумӣ барпо мешуданд. Ин анъана то асри гузашта роиҷ буд, ки онро сайри «Соли нав» мегуфтанд. Дар замони шӯравӣ Наврӯз ҷашни расмӣ набуд, аммо мардум дар деҳаву маҳаллаҳо онро таҷлил мекарданд.

Ниҳоят дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯз ба маснади худ нишаст, яъне ҷашни ҳамагонӣ шуд. Мо шукрона аз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мекунем, ки ба шарофаташон Наврӯз мақоми байналмилалӣ гирифт.

**Мусоҳиб Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# НАВРӮЗ – НАХУСТУНСУРИ ФАЪОЛИЯТИ ИНСОН



**Нуралӣ АСОЗОДА,**
**президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, академик**

**Бо шарофати саъю кӯшиш ва тадбирҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни аҷдодии тоҷикон - Наврӯз эҳё гардида, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид байналмилалӣ эълон шуд. Онро зиёда аз 300 миллион нафар дар кишварҳои гуногуни дунё дар ҳамоҳангӣ бо табиат ҷашн мегиранд.**

**Наврӯз муждаи баҳор буда, қабл аз ҳама ҷашни кишоварзон аст, зеро он эҳёи табиат, фарорасии киштукори деҳқон мебошад. Ин ҷашн аз ибтидо хислати кишоварзӣ дошт ва он бо шукуфоии табиат дар тасаввур яксон буда, ба замин неруи ҳаётбахшӣ медиҳад. Наврӯз ҷашнест, ки ба оламу ҳастӣ, бо табиат ва обу хоки он иртиботи ногусастанӣ дошта, суннатҳои деҳқонии моро муаррифӣ менамояд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон роҷеъ ба моҳият ва манзалати кишоварзӣ доштани Наврӯз фармудаанд: «Дар фалсафаи Наврӯз амали созандаву офаранда чун нахустунсури фаъолияти инсон шинохта мешавад, ки ҳунари кишоварзӣ баёнгари возеҳтарини он мебошад».**

Хусусияти барҷастаи Наврӯз он аст, ки ба деҳқон кор фароҳам меорад. Дар ин айём деҳқон ба хотири серию фаровонӣ ба замин донаи умед мепошаду ниҳол месабзонад, ки диёр сарсабз шаваду ҳосили зиёд зам гардад.

Наврӯз, Меҳргон ва Сада се ҷашни миллии ниёкони мо ҳастанд, ки решаи ҳазораҳои таърихи сарзамини моро бозгӯ буда, новобаста аз нажод, мазҳаб ва қавмият дар саросари Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҳавзаи Наврӯз баргузор мешавад. Ҷолиб он аст, ки ҳар як манотиқи Тоҷикистон бо расму русуми вижаи худ ин ҷашни бостониро таҷлил менамоем. Пайдоиши дақиқи Наврӯз дар ҳеҷ куҷо сабт нашудааст, аммо аксарият оғози Наврӯзро ба Ҷамшед, подшоҳи Пешдодӣ рабт медиҳанд. Ҷамшед одамонро аз чорводорӣ ба зироаткорӣ ҳидоят намуд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки чорводорӣ дар аҳди қадим таърихи пешинатар дорад. То ҳол пажӯҳишҳо дар бораи ба барзгарӣ то чӣ андоза рабт доштани Наврӯз кам аст.

Наврӯз барҳақ рӯйдоди осмонист ва тасхиргари қалбҳои инсонист ва шояд дар рӯи олам чунин ҷашне вуҷуд надошта бошад. Мутафаккири бузурги Машриқзамин Умари Хайём дар китобаш «Наврӯзнома» чунин навиштааст: «Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то ба Наврӯзи дигар умр ба шодӣ ва хуррамӣ гузорад».

Ҷашни Наврӯз айёме таҷлил мегардад, ки шабу рӯз баробар ва пирӯзии равшанӣ ба торикӣ, гармӣ ба сармо оғоз гардида, табиат, оламу одам дигаргун мешаванд. Мардум аз қадим дар арафаи ин ҷашн хонаҳоро таъмиру таҷдид ва покиза намуда, сарулибоси тоза пӯшида, ба аёдати маъюбу беморон ва пиронсолон рафта, ба камбизоатон кумак мерасонанд.

Ҳикмати дигари созандаи Наврӯз ин аст, ки ин мардум мекоранду барзгарӣ мекунанду беминнату сарзаниш меҳӯранд, кинаю ғаразҳоро аз дил мебароранд, оғӯши сулҳу дӯстӣ боз мекунанд, бори дигар аз «Гуфтори неку кирдори нек ва пиндори нек» ёдовар мешаванд.

Боиси ифтихор аст, ки аз Наврӯзи соли гузашта то Наврӯзи имсол кишоварзони ҷумҳурӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд. Аз ҷумла, истеҳсоли маҳсулоти соҳа зиёд ва таъминоти мардум бо ғизо беҳтар гардида, содироти меваю сабзавот афзуд.

Дар ин давра олимони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон низ ба дастовардҳои муайян соҳиб гардиданд. Олимони муассисаҳои илмии академия соли ҷорӣ доир ба дастовардҳои илмӣ соҳиби 13 патенту шаҳодатномаи муаллифии ихтироот, 6 хабарнома барои натиҷаи мусбати экпертизаи расмӣ ва 3 арзнома гардиданд.

Бо қарори Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пахтаи навъи «Файзи Сомон», ҷуворимаккаи навъи «Шараф-19» ва ангури навъи «30-солагии Истиқлол» ноҳиябандӣ гардида, 7 навъи зироати кишоварзӣ ва навъи дарахтони мевадиҳандаю ангур аз ҷониби комиссияи мазкур ба таври расмӣ қабул шуд.

Беш аз 500 тухмии навъу намунаҳои гуногуни зироатҳои кишоварзӣ, растаниҳои шифобахш ва намудҳои гандуми ёбоӣ аз минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷамъоварӣ ва ба захирагоҳи Маркази захираҳои генетикӣ ворид шуда, дар маҷмӯъ номгӯи тухмии навъу намунаҳо ба зиёда аз 13 ҳазор расид.

Ҳоло навъҳои ватании зироатҳои кишоварзӣ аз 40 то 80 фоизи майдони кишти ҷумҳуриро ташкил намуда, барои зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти хушсифати соҳа мусоидат менамоянд.

Олимони самти чорводории академия дар натиҷаи меҳнати самарабахшу тӯлонӣ зоти алои сершири тоҷикии чорвои калони шохдор, зоти гӯсфандони маҳинпашми тоҷикӣ ва типи занбӯри асали тоҷикиро офариданд, ки онҳо бо қарори маҷлиси ҳайати мушовараи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд. Саршумори зиёди онҳо дар хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ парвариш мешаванд.

Олимони академия ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату кумитаҳои соҳавӣ зиёда аз 20 пешниҳодро доир ба ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи рушди илму истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ирсол намуданд. Инчунин, бо мақсади васеъ татбиқ намудани дастовардҳои илму технологияҳои инноватсионӣ зиёда аз 590 кори илмӣ, 34 китобу монография, 38 тавсияю дастур нашр намуда, 72 машварату конференсияҳо баргузор намуданд.

Аз файзу қудуми Наврӯз ҳоло Тоҷикистони биҳиштосо дар фазои тантанаҳои баҳори нозанин ғарқ аст. Боришоти пай дар пай, сабзу хуррам шудани дашту даман ва гулрез гаштани дарахтон нишони бофайзу баракат омадани баҳори имсола ва фаровонии ҳосил мебошад. Дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ киштукори зироат оғоз гаштааст.

Бо назардошти он ки Наврӯз муждаи баҳору оғози киштукори кишоварзон мебошад, олимони соҳа тамоми неру ва қувваи зеҳниро барои такмили пешбурди илмии соҳа, бахри зиёд гардидани истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворecho мамлакат сафарбар карда истодаанд.

---

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари ҳамоишҳо бо донишмандони кишвар ва адабпажӯҳони хориҷӣ суҳбатҳои пурмуҳтавое ороста, омӯзиши густурдаи таърихии ҷашнҳои миллии тоҷиконро яке аз паҳлуҳои муҳими хештаншиносии милливу таборӣ донистаанд.**

# НАВРӮЗ - БАЁНГАРИ ҲУВИЯТИ ТОҶИКОН



**Зафар МИРЗОЁН,**
**мушовири ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Наврӯз дар сайри чандҳазорсолаи худ аз миёни тирарӯзиҳову бадрӯзгориҳои иҷтимоиву сиёсӣ, аз халои сари кӯрдилону нотавонбинони мазҳабиву сиёсӣ гузашта, то рӯзгорони мо расидааст. Дар рӯзгори чирамандии араб, ки бо баҳонаи диноварӣ мехост Наврӯзро чун арзишҳои дигари мардуми таҳҷоӣ пурра зери по гузорад, ниёкони ҳушманди мо ба он ҷилои мусалмонӣ дода, ин оини зебои бостониро аз нобудӣ раҳоӣ бахшиданд. Онҳо тавонистанд тозиён ва мутаассибонро, ки Наврӯзро ҷашни мункирони дин хонда буданд, бовар кунонанд, ки Наврӯз рӯзи ба дунё омадани Одам алайҳисалом аст.

Аз ин ки сиёсати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳама расму оинҳои миллӣ бо чашми идеологӣ менигарист ва Наврӯзро ҷашни динӣ мепиндошт, сиёсатмадорони шӯравӣ дар ибтидо намегузоштанд, ки аз ин оини зиндагисоз ҳатто дар матбуот ёдоварӣ шавад. Танҳо дар солҳои 60 - уми садсолаи гузашта иддае аз адибону равшанандешон танҳо дар рӯзномаи «Маориф ва маданият», ки сардабираш бонуи меҳанпарасту миллатдӯст, зиндаёд Буринисо Бердиева буд, шеъру мақолаҳои ба Наврӯз бахшидаро нашр намуд, рӯзномаро бо рангҳои сабз ва гулҳои баҳорӣ орову озин дода, ба ин расонаи фарҳангӣ ҷилои ҷашнӣ бахшид.

Устодони фарҳехта Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода ба ҳангоми пуштибонӣ аз Буринисо Бердиева, ки дар Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон рафтори «ғайрикоммунистиашро» ба муҳокима гузошта, лоиҳаи ба ҷазои сахт гирифтор карданашро омода сохта буданд, вижагиҳои ориёии Наврӯзро ниҳон дошта, биниши сиёсатмандонро ба паҳлуҳои созандагии он, ҳамчун ҷашни оғози киштукори баҳорӣ, ҷашни деҳқон, ҷашни сарсабзии табиат тафсир карданд.

Дар ҳақиқат паҳлуҳои ориёии он ба саргузашти фаротаърихии тоҷикон, ба рӯзгори шоҳ Ҷамшед ишораҳо дорад ва Наврӯз бо рӯзи ба тахт нишастан ва тоҷ ба сар гузоштани шоҳ Ҷамшед баробар буд. Ин паҳлуҳои таърихии Наврӯз ва гиромидошти подшоҳ хилофи сиёсати идеологии шӯравӣ буд. Дарунмояи ҷашни Наврӯз, ки обишхӯри ахлоқи ориёии пиндори нек мебошад, аз беҳтарин андешаҳои хирадгароии инсонӣ тартиб ёфтааст. Нав шудани сол, анҷоми сардиҳо ва ба нуқтаи болотарини кайҳон баромадани офтоб, фарорасии баҳор, замони рӯишу сабзишу шукуфтанҳо, ҷилои ҳазорон рангҳои дилрабо, болидани замин барои ба синаи худ ҷой дода тавонистани тухму донаҳо ва ба ин муносибат аз дилҳо зудудани кудуратҳо, бахшидани гуноҳҳо, даъвати ҳама ба оромиву осудагӣ, меҳрубониву дӯстӣ, арҷгузорӣ ба хоку обу ҳавову оташ – ин чор сиришти зиндагисоз, ки гиромидошти онҳо мояи ҳастии инсонҳо мебошад, ҳамаро ба накӯкориву меҳрварзӣ даъват мекунад.

Ба пиндори мо чун Ҷамшед бунёдгузори Ҷашни хуҷастаи Наврӯз бошад, зиндашавии дубораи он ва гузашта аз ин пойдору устувор мондани он дар рӯзгорони мо ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марбут аст.

Перомуни арзишҳои баланди ҷашни Наврӯз донишмандон имрӯз ҷусторҳои намоён бурдаанд, аммо бояд гуфт васияти Ҳаким Фирдавсиро маҳз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар миёни дигар давлатдорону сиёсатмадорони кишварҳои ҳавзаи Наврӯз ба таври шоиста пос доштаанд. Бо дидани бинои пуршукӯҳу пурнигору зарнигоре унвонии Кохи Наврӯз меҳмонони аз кишварҳои дигар ташрифоварда ангушти ҳайрат газидаанд. Дар ҳар ноҳияи мамлакат наврӯзгоҳҳо бунёд ёфтаанд, ки пешинаи таърихии ин суннати бостонӣ чунин гиромидоштро ёд надорад. Бо ташаббуси Сарвари давлат навгониҳои зебову тозае ба ҷашнгирии Наврӯз афзуда шуданд. Пешниҳод гардид, ки дар корхонаву идораҳо аз сабзаву гулҳои рангоранг намоди арча ороста шавад. Дар ин пешниҳод нуктаи хирадмандонае ҷой дорад, ки ниҳоли арчаи боғ бурида нашуда, дар бозтоби шакли он аз гиёҳу гулҳои рангоранг кор гирифта шавад. Ба хотири сайри оммавӣ рӯзҳои ҷашнгирии Наврӯз дар кишвар истироҳати саросарӣ эълом гардидааст. Ҳамчунон, дастур дода шуд, ки барои ҷой додани туҳфаҳои кӯдакон халтаҳои ороишёфтаи коғазӣ бо сабти шодбошии наврӯзӣ таҳия намоянд.

Гулпарастии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон идомаи даъвати мардум ба бозоварии хотираи таърихӣ, фарҳанги гумшудаи тоҷикон мебошад. Гулпарастӣ ба гумони ман давоми мантиқии танзими расму оинҳои мардумӣ, гурез аз ҷуфтҷӯйии бо хешовандон, бузургдошти ҷашнҳои Наврӯз, Сада, Тиргон, Меҳргон ва рӯ овардан ба китобхонӣ низ мебошад.

Гулпарастии тоҷиконро дар густариши косагулҳои наврӯзии чакан метавон дид; Гӯё офтоби ҷаҳоноро аз хандаи духтарони оростаи тоҷик ба домонашон пареш хӯрда, ҷаҳонро гулпӯш кардаанд. Дар рӯзҳои наврӯзӣ ҳар замоне бонувон ба рақс меоянд, аз остинҳояшон партави офтоб ба кишвар нурпошӣ мекунад. Дар пироҳани чакандӯзии бонувон таронаи хуррамиву озодии зани тоҷик суруда мешавад. Чакану атласи занони тоҷик Наврӯзро ҷилои хуррамиву фараҳмандӣ мебахшад. Ба онҳо занони дигари Шарқ бо чашмони чор менигаранд ва гӯё мегӯянд:

**Ишқи ман, ангурҳо ҷӯшидаанд,**
**Духтарони шаҳр гул пӯшидаанд.**

Бузургвори дигаре аз фаросӯи садсолаҳо гӯё ба кишвари Тоҷикистони озоду даҳрӣ нигариста, ба мардум паём мефиристад:

**Боз ин чӣ ҷавонист заминрову замонро,**
**Наврӯз бадал кард ба дил пиру ҷавонро.**

---

# РИОЯИ РАСМУ ОИНИ НАВРӮЗ МУҲИМ АСТ

**Мутаассифона, солҳои охир баъзе аз расму оини наврӯзӣ аз байн рафтааст. Вобаста ба ин бо муаррих ва бостоншинос Ҷонибек Асрориён суҳбат кардем.**



**- Расму оинҳои наврӯзӣ кадомҳоянд?**

- Наврӯз ҷашни баҳор ва оғози сол аст. Дар ин ҷашн аслу насаб, тоифа ва боигарӣ аҳамият надорад. Аз ин хотир мардум ҷои зистро тоза карда, бо орзуҳои нек онро пешвоз мегирад. Як хосияти чунин ҷашнҳо муттаҳид кардани мардум аст. Гузаштагони мо сухани бад нагуфта, субҳи Наврӯз даҳонашонро бо ангубин ё ягон ширинии дигар ширин мекарданд. Ҳамчунин, як анъанаи Наврӯз он аст, ки одамон ба ҳамдигар ҳадя медиҳанд.

**- Оё ба таври бояду шояд расму оини наврӯзӣ амалӣ мешавад?**

- Наврӯз ҷашни зебоиву дониш аст, вале мо онро бештар ба иди шикам табдил додаем.

Зиёиёни кам дорем, ки дар хонаҳояшон хони наврӯзӣ ороянд. Ман тақрибан 20 сол аст, ки бо фарзандонам дар хона суфраи идона мекушоям ва мувофиқ ба шароит ин ҷашнро таҷлил мекунам. Дар баробари ин, барои фарзандону наберагон туҳфа мегирам.

Таҷлили ҷашни Наврӯз дар сатҳи Ҳукумат хеле баланд аст, вале миёни мардум ба дараҷаи зарурӣ нест. Хоса дар ин шабу рӯзе, ки ҷараёнҳои исломгаро ва ифротгаро, ки ба муқовимати хеле сахт гузаштаанд, ин корро зиёд анҷом додан даркор аст. Кор ба андозае расидааст, ки ҳар нафаре мегӯяд наврӯзро ҷашн гирифтан зарур аст, гурӯҳе ҳукм мекунанд, ки ӯ аз аҳли ислом нест.

Дар баробари ташаббусҳои давлату Ҳукумат бояд мардум ҳам барои риояи расму оин ва рамзҳои Наврӯзи аҷдодиамон камар банданд. То андозае Наврӯзи мо ҷашни телевизиониву матбуотӣ шудааст. Мо бештар инъикос мекунем аз оне, ки ҳаст. Кӯшиш кардан даркор, ки сидқан эҳсос кунем, ки ҷашни бузург дорем. Бояд талқин кунем, ки ҳадяҳои наврӯзӣ миёни мардум анъана шаванд ва ба ҳамдигар то қадри тавоноӣ дар рӯзи ид туҳфа кунем.

**- Шумо доир ба махсусияти суманак андешаҳои ҷолиб доред…**

- Дар мавриди истилоҳ ва замони пайдоиши суманак андешаҳо яксон нестанд. Олимону коршиносон фикри дигар доранду мардуми деҳоту қасабаи кӯҳманзар фикри худро, аммо дар деҳоти мо касе пушту паҳлуи вожаи суманак намегашт.

Суманак аз решаи суман (сабза), саман, ёсмин, ёсуман – гули сафеди хушбӯи баҳорӣ ва сӣ малак (сималак) шарҳ ёфтааст, ки дар қатори тахминзаниҳои муқаррарист. Ба тарикҷе дар адабиёти ривоятӣ замина ва асос ҳам гӯё дорем, мисли симурғ, ки аз сӣ ва мурғ пайдо шудааст ва ғайра. Мувофиқат ва бархӯрдҳо дар миён вуҷуд дорад. Ба вижа нисбат ба вожа ва ҳикмати ғизои куҳанбунёд, ки аслашро камтар омӯхтаанд.

Маънидод шартӣ буда, таърихаш гумонист. Чуноне гуфта шуд, таъкид мекунанд, ки вожаи суманак аз ҳамон гули сафеди хушбӯи баҳорӣ реша дорад. Шояд чунин бошад, аммо онро чӣ умумият ба ғизои ҷашнӣ. Магар суманаки танӯрпухта, ки мешукуфад ва бо орд задан ба сафедӣ моил мешавад. Дигар, малак вожаи арабисту пасон ба лаҳну фарҳанги ниёкон ворид шуда ва муродифи Суруш, ки наметавонист дар фарҳанги оинҳои куҳан ба устуворӣ мавқеъ пайдо кунад. Агар аз «малак» талқин кунем, пас аз боби андеша ва боварҳои исломӣ - семитӣ фарзия мезанем, ки ба оину анъанаи иронӣ амиқан асар надоштааст.

**- Дар маросими пухтани суманак қоидаҳои муайян ҳастанд…**

- Дар маросими суманакпазӣ занони баргузида гирд омада, бо нияти нек ва дуову орзуҳо (мисли мантраҳои куҳан) оташ мегиронданд. Занони бемор ва нопок роҳ дода намешуданд. Агар пайдо шаванд, фоли нек набуд ва ба қавли занони кӯҳистон «суманак аз дег мепарид».

Як анъанаи муҳим мудом бо навбат кофтани дег буд. Таги дег бояд нагирад, яъне суманак насӯзад. Барои пешгирӣ ҳафт санг ё чормағзро даруни дег мепартофтанд. Маълум аст, ки бо сӯхтани суманак таркибаш вайрон мешавад ва бӯйи нофорам паҳн мегардад. Чунки суманак ғизои покон буда, бо чашиданаш орзуву ормон мешикананд. Аз солхӯрдагон шунидаем, ки ҳезуми суманакро қаблан омода мекарданд ва он ҳам аз бурс, арча, заранг, писта ва баъзан бед. Барои он аз дарахтони озода истифода мекарданд, ки маводи пухта бӯйи бад набардорад. Ба қавли онҳо дуд нагираду нофорам нашавад. Риояи ин расм ба таъми ғизо асар мекунад.

Мардуми тоҷик, бахусус занҳо, тахайюлоти аҷиб доранд. Ҳар минтақа, Ҳисор, Раштонзамин, Суғд, Зарафшон ва Кӯлобу Вахшону Бадахшон бо шеваю лаҳн ва бофтаҳои ширини худ ғизои баҳориро сифат мекунанд. Ангушти хурдро ба он мезананд, мечашанд ва ният мекунанд: «Муродҳо ҳосил ва то Наврӯзи дигар бедарду беғам моро расон».

Занони порсову покро як шабонарӯз (то омода шудани суманак) хӯру хобашон даври дег буд. Суруду таронаҳо мехонданд, даф мезаданд. (Суманак дар ҷӯш мо кафча занем, Дигарон дар хоб мо дафча занем). Гӯё дар гӯши ғизо сурур мехонданд, ки дар худ ормону шодиву нишотро фаро бигирад ва ноқили саодату комгорӣ бошад. Даф низ дар гузашта сози одӣ набудааст, чун онро рамзу намоди шодиву сурур номидаанд.

Дар кофтани дег дарду ғусса, кина ва дигар намунаҳои бадӣ аз дилу ҳуш ронда мешуданд. Тарзи омода кардани суманак дар кӯҳманзари Рашт ва Хатлону Файзобод, Дарвозу Ванҷ дигаргуна аст. Кадбонуҳо суманакро ба шакли кулча дар танӯр мепазанд. Оби кӯфтаи гандумро ба орд омехта рӯи тобаи хоса мечинанд. Бояд миёнашон фосила бошад, зеро зуволаҳои гирифта паҳн мешаванд. Тобаро рӯйи оташ ниҳода танӯрро маҳкам мекунанд.

Пас аз чанд соате (вобаста ба гармии танӯр) суманак омода мешавад. Тафаш гузашт, лаззати ғайриоддӣ дорад. Ҳам суманаки гармро дар табақ бо ёрии қошуқ майда карда, каф зада (кӯфта) равғани зард ҳамроҳ мекарданд, ки хушхӯр мешуд.

**- Яке аз суннатҳои Наврӯз «Гулгардонӣ» мебошад…**

- Дар даҳаи ид, бо пайдо шудани сияҳгӯш, маросими «Гулгардонӣ» оғоз мешавад. Гулҳои зарду сиёҳгӯшро аз талу теппаҳои Хоҷағалтон мечидем. Нахуст бачаҳо, ки дар миёнашон мо ҳам будем, расми бобоиро бо байтҳои «Гули сияҳгӯш ҳафтрангай, Хӯроки кавги дилтангай…», ба ҳар ҳавлӣ сар зада, адо мекардем. Дар миён мисраъҳое буданд, ки таманно ва ҳадафи асосиро ҷилва медод, мисли «Гули сияҳгӯши пешгардон, табақ пур куну даст гардон». Соҳибони хона бароямон армуғон медоданд. Манзури маросим аз такудави бобои деҳқон буд, ки дар шеър таъкид мешуд: «Гул овардем аз у поён, хабар кардем бобои деҳқон, Бте ғалла ба гулгардон, баҳори нав муборак бод!».

**Мусоҳиб Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**«Садои мардум»**

---



# ЗИ КӮЙИ ЁР МЕОЯД НАСИМИ БОДИ НАВРӮЗӢ

### НАВРӮЗ БӮИ ЗАНОНА ДОРАД

Ниёкони мо мардуми ҷашнофарин буданд. Онҳо дар муқобили сардиҳо, торикиҳо, ноумедиҳо, шикастҳо… ҳеҷ гоҳ сар хам намекарданд ва ба мубориза бармехостанд. Ин мубориза тавлид кардани шодиҳо, таронаҳо, рақсҳо, оростани зиёфатҳо… буд. Яъне, ниёкони мо шеваи шод зистанро кашф карда буданд. Шодиофаринӣ барояшон неру медод, ба зиндагияшон рангу бӯ мебахшид. Таҷлили ҷашни Наврӯз низ барояшон нишот меовард. Онҳо Наврӯзро аз 13 то 40 рӯз ид мекарданд. Ин ҷашни шод аз маросими Чоршанбеи охирин ё Чоршанбеи сурӣ оғоз мегашт ва бо суннати Хонатаконӣ авҷ мегирифт.

*Ман номи касе нахондаам, илло ту,*
*Бо ҳеҷ касе намондаам, илло ту.*
*Ид омаду ман хонатаконӣ кардам,*
*Аз дил ҳамаро такондаам, илло ту.*

Накши занон дар таҷлили иди Наврӯз дар гузашта ва имрӯз барҷаста аст. Онҳо барои баргузор кардани ин ҷашни бошукӯҳ бештар аз мардон талош менамоянд ва файзу тароватти Наврӯз бо ҳузури онҳо зебу фар мегирад. Яъне, Наврӯз ва зан ҳар ду рамзи ишқ, зебоӣ, шукуфоӣ, рӯиш ва зиндагӣ ҳастанд. Ба таври дигар гӯем, зан бӯи Наврӯз дораду Наврӯз бӯи зан.

### ЗАН, ПОКӢ ВА НАВРӮЗ

Шодиофаринӣ ниёз ба покӣ дорад. Аз ин ҷост, ки ҳамаи идҳоро ниёконамон бо покӣ пешвоз мегирифтанд. Пок будан барои онҳо маънии ба таври шоиста зистанро дошт. Нопокӣ гирифторӣ, бадбахтӣ, сиёҳӣ меовард, қувваҳои аҳриманиро неру мебахшид. Ин бовар дар миёни мардуми мо то имрӯз зинда аст.

Тақрибан даҳ бист рӯз пеш аз фаро расидани Наврӯз занон аз гандум сабза сабз менамоянд. Онҳо пеш аз анҷоми ин кор худро пок менамоянд, сипас ба Офаридгор дуову сано мефиристанд, он гоҳ гандумро ба зарфе гирифта, барои сабз шудан мегузоранд. Сабза низ чизи пок аст, рӯи ношуста ба он нигоҳ кардан гуноҳ ҳисоб мешавад, ҳамчунин, номаҳраме онро бояд набинад. Рӯзи суманакпазӣ низ занҳо ботаҳорат ба сари дег меоянд ва пас аз ниёиш ба кор мепардозанд.

Ҳамин тавр, зан ва покиву шодӣ даст ба дасти ҳам медиҳанд то Наврӯзро ҷашн бигиранд. Яъне, дар оғози оини наврӯзӣ зан чун тимсоли покӣ зоҳир мегардад ва ин ҷашнро ба покиву ростӣ ҳидоят мекунад. Наврӯз ҳам пок аст. Дар ин айём ҷунбише, такомуле, рӯише дар замин, дар табиат ба вуҷуд меояд ва ҳамаи ин дигаргуниҳо низ аз покиҳо сарчашма мегиранд.

**Софию тирагии об зи сарчашма бувад,**
**Бе дили пок сухан пок нагардад ҳаргиз.**

### ЗАН ВА ОТАШ

Оташ неъмати бузург ва унсури ҳаётан муҳим аст. Бе он зиндагӣ дар рӯи замин маҳв мешавад. Офтоб ин кураи оташин сабаби бақои замин ва башар мебошад.

Нигоҳдорандаи оташ дар хонадон зан аст. Занон дар чаҳоршанбеи охирини сол дар гӯшае аз ҳавлӣ оташ меафрӯхтанд ва аз аҳли байташон хоҳиш мекарданд, ки аз болои он биҷаҳанд. Ин маросими махсус ва дорои рамзу розҳое хос буд. Вақте аз болои оташ меҷаҳиданд дар ибтидо мегуфтанд: «Ғам бирав, шодӣ биё, меҳнат бирав, рӯзӣ биё!». Ба оташ хитоб менамуданд: «Сурхии рӯи ту аз ман, зардии рӯи ман аз ту! Зардии рӯи ман аз ту, сурхии рӯи ту аз ман!».

Оташ дар тимсоли офтоб ба тамоми мавҷудоти рӯи замин неру мебахшад, хомро мепазонад, торикиро аз байн мебарад. Ниёкони мо ҳамин хусусияти оташро хуб мешинохтанд ва бо фаро расидани Наврӯз аз гармии он истиқбол мегирифтанд. Хусусан занҳо, ки худ «оташ» ҳастанд ва хонадонашонро гарм мекунанд, ин қудратро ҳис менамуданд.

Агар ба маросими зикршуда ба дурустӣ назар андозем, мебинем ки нақши занон дар онҳо хеле пурранг аст ва Наврӯз занонатарин ҷашн ба ҳисоб меравад.

### ЗАН, ОБ ВА ХУШБАХТӢ

Дар субҳи рӯзи аввали Наврӯз духтарону бонувон офтоб надамида ба сари чашма, ҷӯйбор, наҳр ё рӯд мерафтанд. Онҳо рози дилро ба об мегуфтанд.

Дар деҳаҳои кӯҳистон духтарони аз шавҳармонда, бонувони касалманд, бефарзанд низ зиндагӣ мекарданд. Онҳо бовар доштанд, ки агар саҳари солеҳони рӯзи аввали Наврӯз мушкилро ба об гӯянд, об дарду ранҷи онҳоро мегирад, дари бахташонро мекушояд. Бинобар ин, бонувон ба сӯи чашмаву рӯд мешитофтанд, дар оинаи об чеҳраи худро медиданд, сипас рӯяшонро мешустанд ва боз каме ба об нигоҳ мекарданд, он гоҳ розашонро ошкор месохтанд.

Ҳамин тавр, онҳо тозаву тар ва бо дили пур аз умед ба хона бармегаштанд, ба ин бовар, ки ғаму дардашонро об гирифтаву таровату хушбахтиро барояшон эҳдо кардааст. Бо худ кӯзаеро аз сари чашма меоварданд, ки дар дарунаш оби бахташон пинҳон буд. Бонувон пас аз ин маросим бо дили саршор аз умед ва ҳастии пур аз шодӣ ба ҷашни наврӯзӣ мерафтанд.

### ЗАН ВА БАРАКАТ

Аз нахустин рӯзи Наврӯз занон ба пухтупаз машғул мешуданд, дастархон меоростанд. Ин ба он маъно буд, ки тамоми сол дастархонашон пур бошад, ризқашон фаровон гардад. Агар зане дар рӯзи аввали Наврӯз хӯроке напазад, ба ин кор ҳавсала надошта бошад, хосияти бад дошт. Яъне, тамоми сол аз хонаи ӯ баракат мепарид.

Занон дар Наврӯз беҳтарин либосро ба бар мекарданд, ҳар чизе ки аз ҷавоҳирот доштанд худро мeоростанд ва ба Наврӯзгоҳ мерафтанд. Риоят накардани ин чиз маънои носипосиро дошт.

Мегуфтанд дар Наврӯз дил бояд шод бошад, ғам ба он роҳ наёбад. Онҳо бовар доштанд, ки шод будан дар Наврӯз тамоми сол барояшон шодӣ меорад. Ҳатто ба хонаи онҳое, ки мотам доштанд, мерафтанд, либоси мотамиро аз танаш бадар мекарданд ва ҳамин тавр, сиёҳиро аз хонааш меронданд.

Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки ниёкони мо ҳамеша дар талоши шодӣ буданд. Шод зистанро вазифаи худ медонистанд. Аз ин рӯ, ҷашн меоростанд ва зиндагии худро месохтанд.

**ВОРИС, «Садои мардум»**

# ҶАҲОНИШАВИИ НАВРӮЗ

## ОРМОНЕ, КИ БА ШАРОФАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВОҚЕИЯТ ГАРДИД

**Ҳамасола дар арафаи ҷашни Наврӯз дар воситаҳои ахбори оммаи мамлакат маъракаи густурдаи нашри маводи ба ин ҷашн рабтдошта шурӯъ мешавад. Намояндагони касбу кори гуногун кӯшиш менамоянд, ки дар ин маврид андешаҳояшонро баён кунанд, то мардум дар шинохту дарки моҳияту муҳимияти ин ҷашн амиқтар сарфаҳм раванд.**

Заҳмати онҳо қобили арҷгузорист, вале меҳвар будани умумигӯӣ дар аксар мақолаҳои мавриди назар масъалаест, ки набояд нодида гирем. Аз ин бармеояд, ки ашхоси мавриди назар огоҳии комил надоранд, ки Наврӯз падидаест ҷаҳони маънӣ дар он нуҳуфта ва фарҳангу фалсафаи он пажӯҳиши амиқро тақозо дорад.

Дар аксар матолиби ба Наврӯз рабтдошта сухан аз замони шоҳ Ҷамшед асту қаробати ин ҷашн бо ислом, иқтибос аз шоирону истинод ба далелҳои то андозае обшуста. Ҳол он ки дар чунин таълифот бояд саҳми боризи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаҳонӣ шудани Наврӯз меҳвар бошад, зарурати таҷлили он дар шароити кунунӣ, бо назардошти ҳаводиси ҷаҳони муосир баён гардад, мардум барои арҷгузории ҷашн ва тавсеаи бунёдкорӣ дар ин марҳила роҳнамоӣ шаванд.




Вақте дар ин самт иқдом мекунанд, бояд ин таъкиди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сармашқи кор бошад: «Бовар дорам, ки аҳли зиёи мамлакат, олимону донишмандони ҷомеашиноси мо, аз ҷумла муаррихону мардумшиносон, минбаъд ба омӯзиш ва таҳқиқи асолати таърихии ҷашни Наврӯз таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, аҳли эҷод беҳтарин асарҳои худро ба ин мавзӯъ мебахшанд ва нақши ҷаҳонии онро дар таҳкими сулҳу субот, дӯстиву бародарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва равобити судманди тамаддунҳо боз ҳам равшану возеҳ месозанд».

Зимни иншои матолиби марбут ба моҳияти ин ҷашн истинод ба далелу рақамҳои таърихӣ ногузир аст, вале меҳвар бояд рӯйдоди таърихӣ - 23-юми феврали соли 2010 бо қарори Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид байналмилалӣ эътироф шудани Наврӯз ва аз ҷониби ЮНЕСКО ба Феҳристи мероси ғайримоддии фарҳанги инсоният ворид шудани он бошад.

Иқдомҳои вобаста ба Наврӯз амалигардида кам нестанд ва дар ин ҷода равашанфикрони мо кӯшиши зиёд кардаанд. Вале эътироф бояд кард, ки маҳз мақому манзалати бениҳоят баланд ва маҳбубияту нуфузи Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ замина барои ҷаҳонӣ гардидани Наврӯз гардид. Моҳиятан ин иқдом идомаи мантиқии ба воқеият табдил додани ормонҳои мардум аз ҷониби фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки бояд беш аз пеш таҳқиқу васф шавад.

Суханони Пешвои миллат: «Наврӯз дар тӯли таърихи ҳазорсолаи худ рамзи эҳё ва бедории табиату ҷомеа, поксозии маънавӣ ва худидоракунии инсон мебошад. Ин ҷашни фархунда некуаҳволӣ, ваҳдат, бародарӣ ва дастгирии мутақобила, инчунин тамоми он арзишҳои фарҳангиву таърихии абадиамонро, ки халқҳои моро муттаҳид месозанд, таҷассум мекунад. Ин мероси бузургро, ки аз аҷдодони умумиамон ба мо мерос мондааст, бояд ҳифз намоем ва онро инкишоф диҳем», - далели таваҷҷуҳи хосаи ин Абармард ба ҷашни мазкур аст.

Наврӯз таърихи беш аз 6000 - сола дошта, айёми баробаршавии шабу рӯз, эҳёи табиат, оғози мавсими киштукор, ибтидои корҳои саҳроӣ ва фаъолияти кишоварзон арзёбӣ мешавад. Далели бебаҳс аст, ки мантиқу фалсафа ва моҳияту ҳикмати Наврӯз аз донишу хирад, меҳру муҳаббат, сулҳу субот ва шодиву нишот таркиб ёфта, шаст қарн инҷониб барои мардуми мо ҳамчун омили ҳастисозу муттаҳидкунанда хизмат кардааст.

Зимни шарҳу тавзеҳи моҳияти ҷашни зикршуда мояи ифтихори Пешвои миллат он аст, ки «мардуми дунё ҳамдигарро бо ибораи зебои тоҷикии «Наврӯз муборак» таҳният мегӯянд».

Баъзан дар мавриди марҳилаи эҳё ва рушди анъанаҳои марбут ба Наврӯз андешаҳое иброз мегардад, ки то андозае ба воқеият мухолифат дорад. Дар ин бобат Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ фармудаанд: «Имрӯз мо бо ифтихору сарфарозӣ изҳор медорем, ки ба шарофати истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон Наврӯз – ин оини бебаҳои аҷдодии худро эҳё кардем ва барои рушди минбаъдаи русуми наврӯзӣ заминаи мусоид муҳайё намудем».

Ҷанбаи дигаре, ки ба он бояд бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуд, оғозбахши марҳилаи мутеъ гардидани табиат ба инсон будани Наврӯз ба ҳисоб меравад. Ин андеша моҳиятан ва мантиқан асоснок аст. Шоҳидем, ки дар дигар давраҳои сол «муқовимат»-и инсон бо табиат бидуни «созиш» идома ёфта, дар аксар маврид ҳаводиси табиат хилофи хоҳиши инсон рух медиҳад. Вале дар Наврӯз табиати мағрур мутеи инсон мегардад, лутфу марҳаматро арзонӣ медорад. Дар навбати худ, инсон низ бо зудудани кинаву кудурат кору пайкорро дар сатҳи наву сифати баланд шурӯъ карда, ба истиқболи табиат оғӯш мекушояд.

Фазилати дигари ҷашни мазкур он аст, ки хушбин буданро ба мардум талқин менамояд. Вақте шахс дар заминаи зиндагии пурсаодат мутмаин мешавад, ки ӯро Наврӯзи дигар дар пеш аст, рӯҳу илҳоми тоза мегирад, ба зиндагии аз зовияи дигар муносибат ва қаробат мекунад. Биноан, ниёкони мо ниёиш мекарданд:

**Эй Худованди замину**
**осмон,**
**То ба Наврӯзи дигар моро**
**расон.**

Падидаи фаромиллӣ будани Наврӯз ҷанбаи нисбатан муҳим ба ҳисоб рафта, аз ягонагии инсон ва табиату кайҳон, инчунин ваҳдати инсоният шаҳодат медиҳад. Вақтҳои охир дар бораи глобализатсия (ҷаҳонишавӣ) зиёд мегӯянду менависанд. Дар маҳфилу ҳамоишҳо низ аксар масъалаҳоро дар робита ба ин раванд таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаҳо низ бо дарназардошти махсусиятҳои он қабул мегардад.

Мутаассифона, на дар ҳама ҳолат масъалаи мазкур ҳамаҷониба таҳлил ва махсусиятҳои он бо истинод ба далелу рақамҳо бозгӯӣ мешаванд. Тавре дар пажӯҳишҳои олимони соҳаи сиёсатшиносӣ зикр шудааст, глобализатсия падидаи нави иҷтимоиест, ки инсоният аз охири асри XX ба он мувоҷеҳ шуд. Ҳамчун марҳилаи нави инкишофи ҷамъият ва самти тараққиёт он пас аз «ҷанги сард» пайдо шуда, дар минтақаи Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, пас аз барҳам хӯрдани собиқ ИҶШС доман паҳн кард. Мафҳуми «глобализатсия» аз охири соли 1990 ба илм ворид гардид. Аниқтараш, аввалин маротиба соли 1983 мафҳуми «глобализатсия» барои ифодаи равандҳои иҷтимоии характери умумиҷаҳонидошта истифода шудааст. Пайдоиши ин мафҳум ба калимаи лотинии «глобус» алоқамандӣ дошта, ба забони тоҷикӣ маънои «кураи замин» ё «ҷаҳонишавӣ»-ро дорад.

Истилоҳи «глобализатсия» аз сабаби мазмуни васеъ доштан ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятро фаро гирифтан дар доираҳои гуногуни илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Коршиносон ба он назаранд, ки глобализатсия ҳамчун раванди муосири иҷтимоӣ ба эъмори «ҷаҳони воҳид» равона шудааст. Аз он нигаронам, ки дар раванди таҳқиқи махсусиятҳои Наврӯз пажӯҳишгарони мо исрор наметарзанд, ки гузаштагони мову шумо заминаҳои ҷаҳонишавиро ба шарофати Наврӯз дар асри панҷи пеш аз мелод гузошта буданд.

Ҳамчунин, омилу сабабҳои қобили қабул эътироф шудани таҷлили ин ҷашн миёни мардуми АвруОсиё то кунун шарҳу тавзеҳ дода нашудааст. Дар ин маврид мухтасар метавон гуфт, ки Наврӯз равобити дӯстона ва ҳамзистии мусолиматомези қавму миллатҳои гуногуни ин қаламрави паҳновару мутамаддинро таҷассум менамояд. Аз ин лиҳоз, бидуни «ҷиҳод»-у таҳмил мардуми ақсои олам онро пазируфта, ин раванд муттасил аст.

Таҳаммулгароӣ ҷавҳари ин ҷашн ба ҳисоб рафта, авлавият будани посдории обу замин ва оташу бод шаҳодати ин гуфта аст. Чун хислатҳои ҳамидаи инсонӣ бо Наврӯз тавъаманд, таълимоти ахлоқӣ ва маънавии марбут ба он барои ҳама давру замонҳо созгор аст. Ёдгориҳои Тахти Ҷамшед шаҳодат медиҳанд, ки ҷашни мавриди назар дар қаламрави 23 кишвари онрӯзаи ҷаҳон, ки ҳудуди бузургеро аз кӯҳҳои Ҳиндукуш то Мисру Юнон ва аз Россияву Қафқоз то Ҳиндустони кунунӣ дар бар мегирифт, таҷлил мешуд. Дар ин миён рӯзи шашуми ҷашн, ки дар солшумории хуршедӣ Хурдодрӯз ном дорад, манзалати хоса дошта, дар ин рӯз «Наврӯзи бузург» таҷлил мегардад. Шаҳомати ин рӯз ба он марбут аст, ки гӯё дар ҳамин рӯз асоси андешаи бузургии инсон гузошта шудааст.

Ба шарофати дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таълимот тамоюли ҳамагониро касб кард, дар ҷашни Наврӯз мардум кинаву адоватро аз дилҳо дур меандозанд, ба покиву садоқати ботинӣ рӯ меоранд, баҳри беҳбудии фардӣ, хонаводагӣ ва ҷомеа иқдом менамоянд.

Дар заминаи таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат ба русумҳои наврӯзӣ ва талқин намудани онҳо, ҳамватанонамон паймону ростӣ ва покиву садоқатро меҳвару сармашқи кор қарор дода, дар ҳама самтҳо комёбанд, зеро ин арзишҳо инсонро ба ободкорӣ, созандагӣ ва пешрафт ҳидоят мекунад.

Таъмини адолат низ дар ин раванд истисно набуда, оини «Сӯги Сиёвуш» ва такмили минбаъдаи он, чун «Сайри гули сурх» ва «Сездаҳбадар» аз бузургтарин ҷашнвораҳои наврӯзӣ мебошанд, ки пирӯзии адолатро бар зулм ифода мекунанд. Масъалаи дигаре, ки ба таври бояду шояд таҳқиқу бозгӯӣ нашудааст, фарҳанги Наврӯз мебошад.

Бо ҷаҳонӣ шудани Наврӯз ин фарҳанг густурда шуда, масъулияти инсонҳоро барои ҳалли мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ фузун кард. Вобаста ба ин масъала таъкиди Сарвари хирадсолори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон айни муддаост: «Тарғиби фарҳанги Наврӯз метавонад ғоя ва амалияи Роҳи бузурги абрешимро густариш дода, ба эҷоди бозори муштараки кор ва тиҷорат дар минтақа мусоидат намояд. Фарҳанги маърифатпарваронаи Наврӯз ҳамчунин метавонад барои тавсеаи ҳамкориҳои наздик дар соҳаҳои иттилоот, маориф, фарҳанг ва иҷрои тарҳҳои муштараки илмӣ дар бахшҳои гуногун мусоидат намояд».

Ҷузъи дигари фарҳанги Наврӯз, ки таваҷҷуҳро ба он бояд афзун намоем, озодагӣ аст. Он баёнгари покии тан ва рӯҳи озодагӣ ва наҷобати пиндор, гуфтор ва кирдори афроди ҷомеа, покиву назофати ҳаво, замин, об ва муҳити зист, сиҳатии инсон, парвариши рӯҳи солим аз меъёрҳои ҳастии инсонист.

Ҷаҳонӣ шудани Наврӯз қодир аст ба ҳайси маҷмӯи таълимоти нави сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, чун барномаи дӯстиву баҳамойии аҳли сайёра барои ҳалли масоили мубрам ва доғи ҷаҳони муосир саҳмгузор бошад.

Чун ҳамешагӣ дар ин самт низ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббускор буда, дар яке аз суханрониҳояшон таъкид карданд: «Фарҳанги Наврӯз моро ҳидоят мекунад, ки дар навбати аввал роҳҳои иртибот ва коммуникатсияро дар дохили кишварҳоямон барқарор кунем ва онҳоро такмилу инкишоф бахшем ва ба ҳамин васила теъдоди ҳар чӣ бештари омилҳои ҷудоиро дар байни миллатҳо ва давлатҳои ҳавзаи наврӯзӣ аз байн бардорем».

Ба андешаи ин Абармарди дунёи сиёсат, «Барқарор ва бунёд намудани роҳҳои иртиботӣ ва воситаҳои иттилоотӣ дар ҳавзаи фарҳанги наврӯзӣ ба таҳкими ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ ва равобити тиҷоратӣ дар байни кишварҳои минтақа мусоидат хоҳад кард».

Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб барҳақ кишварамонро Ватани Наврӯз гуфтааст. Дар арафаи ин ҷашни ҷаҳонии пурмоҳияту мафкурасоз аз ҳамватанони гиромӣ хоҳишмандем, ки қалбҳои худро аз душманӣ, кудурат, бухлу ҳасад ва гумону шубҳа пок намоянд, меҳру муҳаббат ва самимиятро дар дилҳояшон доимӣ маскун намоянд. Бо шукргузорӣ аз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арҷгузорӣ ба заҳмату ҷоннисориҳои ин Абармард, садоқат ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатӣ ба хотири таъмини зиндагии шоистаи мардум ва дурнамои нек кору пайкор намоем.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# АЗ МУЛОҚОТИ НАВРӮЗИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ТО РУШДИ КИНОИ ТОҶИК

**Шурӯъ аз соли 2001 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумурданд, ки бо зиёиёни кишвар мулоқоту вохӯрӣ доир намоянд. Ин мулоқот ба ҳукми анъана даромад ва натиҷаҳои дилхоҳ дод. Акнун 20-уми марти ҳар сол ҳамчун Рӯзи зиёиёни эҷодкор таҷлил мегардад.**

20-уми марти соли 2001 зимни мулоқоти аввалин бо зиёиёни кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари соҳаҳои илму фарҳанг дар бораи санъати киноии тоҷик низ сухан ронда, баҳри пешбурди соҳа чунин пешниҳоди ҷолиб намуданд: «… Кинои тоҷик марҳилаи душвори фаъолияти худро аз сар мегузаронад. Маҳдуд будани имконияти маблағгузорӣ, пароканда шудани ихтисосмандон, куҳна ва корношоям гардидани дастгоҳҳои филмбардорӣ фаъолияти киностудияи «Тоҷикфилм»-ро хеле суст кардааст. Таҷрибаи самарабахши истеҳсоли филмҳои ҳунарии телевизионӣ низ, мутаассифона, аз байн рафтааст. Барқарор кардани ин соҳа хеле зарур мебошад. Имрӯз лозим аст, ки кино – ин соҳаи бисёр муассир ва фарогири фарҳанги мо аз ҷониби Ҳукумат дастгирӣ ёбад».

Агар ин санаро эҳёи кинои тоҷик дар замони Истиқлолияти давлатӣ гӯем, хато нахоҳад шуд, зеро мулоқоти судманди Пешвои миллат дар дили эҷодкорон ва зиёиён шуълаи умедро барафрӯхт ва баъди ин вохӯрӣ кори киностудияи «Тоҷикфилм» ҷоннок гардид. Акнун Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол барои соҳаи кино маблағи муайян ҷудо менамояд. Ниҳоят, аввалин видеофилмҳои бадеӣ «Муҷассамаи ишқ»-и Умед Мирзоширинов соли 2003, «Ангуштарини номзадӣ» соли 2003 ва «Тақвими интизорӣ»-и Сафарбек Солеҳов, «Овора» - и Г. Муҳаббатова ва Д. Раҳматов соли 2005 рӯи пардаи синамо омаданд. Ягона филми ҳунарӣ, ки дар плёнкаи кино (35мм) наворбардорӣ шуд, «Қиёми рӯз»-и коргардон Носир Саидов дар соли 2009 буд.

Барои боз ҳам вусъат бахшидани фаъолият ва тарбияи мутахассисон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кино» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (9-уми декабри соли 2004 ба имзо расид.

Ин муддат барномаи давлатӣ – «Барномаи рушди кинои тоҷик барои солҳои 2006-2010», «Барномаи рушди кинои тоҷик барои солҳои 2011-2015», «Барномаи рушди кинои тоҷик барои солҳои 2018-2021», «Барномаи рушди кинои тоҷик барои солҳои 2023 - 2027» таҳия ва қабул гардиданд, ки бештари ин барномаҳо дар амал татбиқ шуданд ва шуда истодаанд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 Шӯрои ҳукуматӣ оид ба рушди кинематографияи миллӣ таъсис ёфт.

Бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи Киностудияи давлатии «Тоҷикфилм» ва КВД кино ва видеои «Тоҷиккино» Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» ташкил шуд.

Тоҷикфилм имконият пайдо намуд дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ ва ноҳияҳои водии Рашт шуъбаву раёсат таъсис диҳад. Муассиса соли 2018 бо Агентии миллии «Ӯзбеккино» меморандиум ба имзо расонд. Соли 2019 миёни «Тоҷикфилм» ва Кинематографияи Ҷумҳурии Халқии Хитой «Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи филмбардории муштарак» ба тасвиб расид.



Пешвои миллат, ки аз таърих ва фарҳанги миллат хуб огоҳанд, дар мулоқоти навбатӣ бо зиёиёни кишвар (аз 20-уми марти соли 2002) боз ба соҳа таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Таъкид карданд, ки дастранҷи эҷодӣ ва ҳамкориҳои аҳли зиёи тоҷик, кормандони фарҳанг ва адибон ҳанӯз ба таври кофӣ дилхоҳ нест. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, зикр намуданд: «Иттифоқҳои эҷодӣ бояд дар тарғиби таърихи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва натиҷаҳои он асарҳо эҷод намоянд. Ман иттифоқҳои оҳангсозон, меъморон, синамогарон, журналистон, ходимони театр ва дигар созмонҳои эҷодию ҷамъиятиро дар назар дорам, ки неруи бузурги зиёиён ва офарандагони асарҳои санъати нафисаро гирд овардаанд».

Ходимон ва эҷодкорони фарҳанг, адибон ҳар як мулоқоти Президенти кишварро бо зиёиёни эҷодкор бесаброна интизор мешаванд, зеро дар ин мулоқот ҳатман маслиҳату пешниҳодҳо ироа мегардад, ки дар давоми сол онро чун дастури муфид истифода хоҳанд кард.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2008, зимни мулоқот бо зиёиёни кишвар изҳор намуда буданд: «Имрӯз дар тамоми қаламрави собиқ Давлати Шӯравӣ суруди «Дидам ҷамоле» аз филми ҳунарии «Ман бо духтаре вохӯрдам» машҳур аст, ки матну оҳанги он ба қалами шоири машҳури тоҷик Мирзо Турсунзода ва бастакори озарӣ Андрей Бобоев тааллуқ дорад. Ин мисолҳо намунаи барҷастаи ҳамкориҳои илмию эҷодӣ мебошанд ва ин бурди ҳамаи мост».

Дар мулоқоте, ки 20-уми марти соли 2007 дар толори маҷлисгоҳи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2008-ро «Соли бузургдошти фарҳанг» эълон намуда, аз ҷумла, чунин гуфтанд: «Бовар дорам ин тадбир мақоми илму фарҳанг ва арзишҳои миллии моро рушду нумӯи тоза бахшида, шукӯҳу шаҳомати маъракаҳои дарпешистода, аз ҷумла ҷашни қофиласолори адабиёти классикии тоҷику форс устод Рӯдакиро болотар хоҳад бурд».

Айёме, ки Осорхонаи миллии Тоҷикистон дари хешро боз намуд, тамошогарони аввалини он иштирокчиёни мулоқоти Пешвои миллат бо аҳли зиё буданд. Пешвои миллат таъкид намуданд: «…Зиёиёни эҷодкори моро зарур аст, ки масъалаҳои нав ва мубрами ҳаёт, офаридани чеҳраҳои даврони истиқлолиятро дар илм, адабиёт ва театру кино ҷасурона намоиш диҳанд».

Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм», Шӯрои бадеӣ ва Иттифоқи кинематографистони Тоҷикистон сол то сол чеҳраҳои диловарони даврони соҳибистиқлолии кишварро дар филмҳои ҳунарӣ ва ҳуҷҷатӣ инъикос менамояд.

Минбаъд, на танҳо дар мулоқот бо аҳли зиё, балки дар Паёми ҳарсола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаҳои ҳалталаб ва эроду пешниҳодҳо оид ба беҳбуди кори кинои тоҷик низ баррасӣ мегарданд.

Соли 2017 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» дар заминаи Киностудияи давлатии «Тоҷикфилм» ба имзо расид. Ин ғамхории навбатии Пешвои миллат арзёбӣ мешавад, ки боиси рушди соҳа гардид.

Муждае, ки киносозони Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро рӯҳбаланд мекунад, ин бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон банаворгирии филми ҳунарии муштарак дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ мебошад. Таҳияи сенарияи филм бо номи «Дурахши ахтарон» ба охир расид ва рӯзҳои наздик банаворгирии он оғоз меёбад.

**Тилло НЕКҚАДАМОВ,**
**«Садои мардум»**



# НАТАВОН ПЕШИ РАҲИ ПАРТАВИ ХУРШЕД ГИРИФТ

**Ҷашни Наврӯз умри беш аз панҷҳазорсола дорад. Пайдоиши онро ба давраи шоҳ Ҷамшед мансуб медонанд.**

Миллати тоҷик чун ворими арзанда дар тӯли таърих, бо вуҷуди фишорҳои зиёди душманон, тавонист онро ҳифз намояд. Маҳз, бо талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз эҳё гардид ва мақоми ҷаҳонӣ касб намуд.

Мутаассифона, имрӯз низ кӯшишҳо барои аз байн бурдани Наврӯз идома доранд. Гурӯҳе бо истифода, аз дини мубини ислом бо дасти хоинони миллат, ки бо гурӯҳҳои ифротӣ пайвастаанд, ин ҷашни бузурги миллии мо - тоҷиконро зери суол бурданианд.

Мутаассибоне, ки худ солҳо аз иштирокчиёни бевоситаи тантанаҳои наврӯзӣ буданд, имрӯз бо маъвизаҳои бофтаю сохта ин ҷашни беолоишро маҷусию бегона нишон дода, мардумро аз таърихи гузашта, фарҳангу тамаддуни худ дур сохтан мехоҳанд.

Пеш аз таълифи ин сатрҳо, аз тариқи интернет ҷоҳиле дар либоси тақво бо чунин мазмун ҳарзагӯӣ мекард, ки Наврӯз гӯё барои аҳли мусалмон ҷашни бегона аст.

Миллат ҳам ба мисли дарахт аст, ки бақодории он аз решааш вобастагии зиёд дорад. Ин тоифа хуб огоҳанд, ки барои як миллатро аз миён бурдан нахуст фарҳангу таърихи ӯро маҳв бояд кард. Аз ин хотир, таҷлили ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Наврӯзро инъикосгари фарҳанги неки ниёконамон мебошад, нодаркор мехонанд.

Наврӯз барҳақ ҷашни дӯстдоштании инсоният аст. Ҷашнест, ки ба бедоршавии табиат, суботу меҳнат ва анҷоми корҳои неку судманд вобаста мебошад ва ба сиёсату дину мазҳаб олудагӣ надорад. Ҳамзамон, ба расму оинҳои дигар халқияту миллатҳои дунё мухолифат надошта, тамоми аҳли башарро ба ҳамзистӣ, осоишу ваҳдат, дӯстию ҳамкорӣ ва созандагӣ даъват менамояд. Ҷашни хуррамию некрӯзӣ, сулҳу амният ва неъматҳои фаровон, тантанаи некӣ бар бадӣ, маърифат бар ҷаҳолат, рӯшноӣ бар торикӣ мебошад.

Наврӯз ҳазорсолаҳост, ки чун кӯҳи побарҷо таҷассумгари хайру некӣ дар муқобили бадию ҷаҳолат боқӣ мондааст. Ҳифзу нигаҳдории он ҳамчун арзиши бузурги маънавии миллӣ қарз ва вазифаи аввалиндараҷаи мо-миллати соҳибтамаддун ба ҳисоб меравад.

***Дар парешонист зи бод абри сияҳе зи азал,***
***Натавон пеши раҳи партави хуршед гирифт.***

**Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»**

# ҒИЗОҲОИ НАВРӮЗӢ ВА ХУСУСИЯТИ ИСТЕЪМОЛИ ОНҲО

**Хӯроки анъанавии наврӯзӣ аслан аз ғалладона, гандуми куфта бо иловаи дигар алафҳои хушбӯйи баҳорӣ омода мешавад. Ин бесабаб нест, зеро мардуми тоҷик дар иди Наврӯз ва баҳор аз гандум омода намудани хӯрокҳоро рамзи фаровонӣ ва пеш аз ҳама, ғизои солим медонанд.**

Тавре сармутахассиси соҳави Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тибби халқӣ Саидҷон Саидшарифов маълумот дод, кашкоб барои бемориҳои ҷигар, талхадон ва узвҳои ҳозима нафъовар аст. Инчунин, пардаи луобии рӯдаҳоро барқарор намуда, меъдаро мустаҳкам мекунад. Дар таркиби ин ғизо крахмал ва карбогидрадҳо мавҷуд аст, ки барои рондани газҳо ёрӣ мерасонанд. Ғайр аз ин, дорои миқдори зиёди сафеда ва бофтаҳо мебошад, ки барои бемориҳои дилу рагҳо фоидаовар аст.

Суманак як навъ ғизои маъруфи наврӯзист, ки онро нишону намоди тамаддуни зироаткорӣ, рамзи зиндагии муқимӣ, ба даст овардани маҳсулоти хӯшаӣ ва аломати қудрату нерумандӣ медонанд. Хӯрдани суманак ба шахс нерую тавоноӣ мебахшад ва аз лиҳози тиббӣ низ аз чанд ҷиҳат муфиду судманд аст. Бахусус, дар аввали баҳор, ки норасоии витаминҳо ба организм эҳсос мешавад, истеъмоли суманак ва дигар таомҳои серғизо манфиатовар аст. Ин ҳама аз фарҳанги баланди тиббӣ доштани гузаштагонамон дарак медиҳад.



Табибон дар бораи хусусиятҳои табобатии суманак андешаҳои зиёд доранд. Ба гуфти онҳо, дар таркиби майсаи гандум витамини С, бофтаҳо ва пектинҳо вуҷуд дорад, ки норасоии он дар организм сабаби ихтилоли кори узвҳои ҳозима мегардад. Бофтае, ки дар таркиби суманак мавҷуд аст, барои зуд ва пурра ҳазм гаштани ғизо кумак мерасонад. Пектинҳо ба микрофлораи рӯда таъсир расонда, токсинҳо, холестерин ва кислотаҳои талхаро аз организм хориҷ мекунанд. Бинобар ин, онҳо барои муолиҷаи дисбактериоз, атеросклероз ва бемории санги талхадон муфид аст.

Саидҷон Саидшарифов қайд кард, ки дар таркиби майсаи гандум 18 аминокислота, витаминҳо (B1, B2, B3, B5, B6, PP, E, F), микроэлементҳо ва моддаҳои минералӣ, аз қабили фосфор, калий, магний, сулфур, калтсий, хлор, натрий, манган, руҳ, молибден ва ғайра вуҷуд дорад, ки барои организм ниҳоят зарур мебошанд.

Муайян шудааст, ки дар таркиби суманак витаминҳои E ва навъҳои гуногуни витамини B мавҷуданд. Ҳамчунин, барои ором нигоҳ доштани асабҳо, тақвияти неруи биноӣ ва пешгирӣ аз хасташавӣ мусоидат мекунад. Дар соҳаи косметология шираи гандумро барои бемориҳои пӯст истифода мебаранд. Он пӯстро аз норасоии витаминҳо эмин нигоҳ дошта, ҷилодор месозад.

Ҳарчанд суманак аз маҳсулоти табиӣ омода мешаваду аз витаминҳои зиёди барои организм зарурӣ бой аст, дар ин баробар ба баъзе нафарон истеъмоли он тавсия намешавад. Масалан, беморone, ки ҷарроҳиро паси сар карданд ё ташхиси холетсистит, панкреатит ва захми меъдаву рӯдаи дувоздаҳангушта гузошта шудааст, бояд онро истеъмол накунанд.

Кӯдакони аз 5 -сола боло бояд дар як рӯз то 50 грамм суманак истеъмол кунанд.

Ба ҷуз ин, истеъмоли суманак бо шир, маҳсулоте, ки аз шир омода шудааст, моҳӣ, тухм, асал тавсия намешавад, зеро аз ин ҷигари инсон зарар мебинад. Истеъмоли он ба нафароне, ки дорои бемории қанд ҳастанд, зиёновар аст.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

Аёдати наврӯзӣ

# 48 СОЛ БО ТЕАТР

**Зулхумор Иброҳимова аз зумраи ҳунармандоне мебошад, ки умри пурбаракати хешро рӯи саҳнаи ҳунар сипарӣ намудааст, нақшҳояш мондагору дилпазиранд. Дар арафаи Наврӯзи фархундапай хабарнигори мо ба аёдати ҳунарманд шитофт.**



**- Тӯли фаъолият рӯи саҳнаи ҳунар нақшҳои зиёд, аз ҷумла нақши модарро иҷро намудед. Ҳангоми иҷрои нақши модар шуморо чӣ эҳсос фаро мегирад?**

- Модар олами дигаре дорад, қалбаш саршор аз меҳру муҳаббат аст. Парвардигор танҳо ба мо - модарон ин рисолати бузургро вогузоштааст, ки онро бояд иҷро намоем. Вақте нақши модарро меофарам, ин ҳамаро ба назар мегирам. Образи модарро офаридан осон нест. Модар саропо дард аст. Бояд дарди модар, эҳсоси модарро дарк кунем. Образи модарон дар нақш якхела нест, онҳо низ гуногунхислатанд. Касе нақш меофарад, ин ҳамаро бояд ба назар гирад.

**- Ин нақшҳоро ба шумо коргардонҳо бовар мекунанд ё худатон интихоб мекунед?**

- Интихоби коргардонҳо мебошад. Ба андешаи ман, ҳунарпеша бояд аз уҳдаи офаридани ҳама гуна нақшҳо баромада тавонад. Вақте нақши модари меҳрубонро мебозам, бо муҳаббати зиёд ба ман муносибат мекунанд. Аз он хурсанд мешавам, ки тавонистам бо ҳунару маҳорати худ дар дили мардум ҷо шавам. Онҳо маро бештар баъд аз нақшофарӣ дар намоишномаи «Садо аз тобут» шинохтанд. Дар филме, ки Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» бо номи «Муҳаббат» намоиш дод, нақши хушдомани бадҷаҳлро иҷро карда, муваффақ шудам.

**-Чӣ боис шуд, ки ҳунарпеша шавед?**

- Апаам, ки аз ман ду сол калон буд, дар 14-солагӣ бемор шуда, аз дунё гузашт. Ин зарбаи сахт барои волидонам буд. Мутаассифона, ман ҳам дар ҳамин син бемор шудам. Волидонам хеле талош карда, маро табобат карданд. Аз ин хотир мехостам, ки духтур шавам, аммо қисмат маро рӯи саҳна овард. Ҳунарпешаи шинохта Фотима Ғуломова сабаб шуд, ки ҳунарманд шавам. Ҳуҷҷатҳоямро ба Донишкадаи давлатии санъат супурдам. Баъд аз як соли таҳсил дар Душанбе, соли 1971 таҳсилро дар шаҳри Москва идома додам. Дар синамо устоди ман Сергей Бандарчук буд, ки барои ба камол расиданам саҳми зиёд дорад. 48 сол мешавад, ки дар Театри давлатии академӣ – драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ кор мекунам ва 70 нақши хурду бузургро бозидаам.

**Марҷонаи ЮСУФ, «Садои мардум»**

Алимуҳаммад МУРОДӢ,
Шоири халқии Тоҷикистон

## ХУШПОВУ ҚАДАМ НАВРӮЗ

*Сад шукр, ки боз омад хушпову қадам Наврӯз,*
*Хушнағмаву соз омад барҳамзани ғам Наврӯз.*

*Тафриқаи хору гул бардошта шуд аз байн,*
*Тарсову мусулмонро овард ба ҳам Наврӯз.*

*Сад тавбаи обидро як мавҷи нигаҳ бишкаст,*
*Орост гулшанро монанди санам Наврӯз.*

*Бар синаи сармо зад зарнайзаи хуршедаш,*
*Рондаст зимистонро аз пуштаву ҳам Наврӯз.*

*Зад ҳамчу қаламзанҳо бар пираҳани саҳро,*
*Нақше, ки кунад сеҳрат бо сеҳри қалам Наврӯз.*

*Аз оби чоҳи Замзам маст аст агар ҳоҷӣ,*
*Ман мастаму мадҳушам аз замзами Ҷам-Наврӯз.*

*Зебо чун зани тоҷик, атласбадани тоҷик,*
*Дар тан чакани тоҷик зебои ҳарам Наврӯз.*

*Наврӯз ҷаҳонӣ шуд, Наврӯз ҷаҳонӣ буд,*
*Чун ҳикмати зардуштӣ, чун шеъри Аҷам Наврӯз.*

◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇

Ҷӯрабек МУЪМИН

## РӮЗИ НАВУ НАВБАҲОР

*Наврӯзи Аҷам зи кӯҳсорон омад,*
*Бо мушку насими баъди борон омад.*
*Дар пираҳани сабзи арӯсии базеб,*
*Бо мӯи кушодаи гулафшон омад.*

*Бе лаъли лабони ту нашуд ком асал,*
*Бе гармии рӯи ту нашуд ҷом асал.*
*Бе хандаи ширадори хуршедии ту*
*Наврӯз нашуд барои илҳом асал.*

*Лабҳои тари ту лолахун аст, аҷаб,*
*Рухсори маҳи ту лолагун аст, аҷаб.*
*Дар ҳар тарафи ба чашми ман зебанда,*
*Хушрӯ нигарӣ, лола фузун аст, аҷаб.*

*Наврӯз расиду мо ҷавонӣ дорем,*
*Монанди баҳор шодмонӣ дорем.*
*Пирем, ҷавонем, хурӯшем фузун,*
*Дар мулки умед зиндагонӣ дорем.*

*Рӯзи наву навбаҳор, хуш омадаӣ,*
*Эй булбули шохсор, хуш омадаӣ.*
*Хуш омадаӣ, таронаи обаки ҷӯ,*
*Эй дилбари дар канор, хуш омадаӣ.*

*Бар саргаҳи чашмасор омад гули ман,*
*Шӯридаю беқарор омад гули ман.*
*Дар роҳи гузар бод гулафшонаш буд,*
*Бо накҳати навбаҳор омад гули ман.*

*Аз талъати лола рӯи ту сурх шуда,*
*Ангушти ду дасту мӯи ту сурх шуда.*
*Дидам, ки лаби анорини ширинат*
*Аз шарбати гуфтугӯи ту сурх шуда.*

*Як сӯ гули бодом аст, як сӯ гули бед,*
*Гул ранг занад, ранг занад сурху сафед.*
*Хуршед ҳамеша дар паи маҳтоб аст,*
*Хуршеди раҳи умеду мо ҳам ба умед.*

# НАВРӮЗ – ЧИЛ КУНДА БИСӮЗ

## Расму оини наврӯзии деҳоти кӯҳистон

**Наврӯз ҳангоме оғоз мешавад, ки сардӣ ба поён расида, дар дашту даман гули сияҳгӯш, пудинаву райҳон мерӯянд. Мардуми ноҳияҳои Дарвозу Мӯъминобод, водии Терай, Давлатободу Саричашма Наврӯзро бо шаҳомат ҷашн мегирифтанд.**

Ин мақоларо аз рӯи нақли Бобои Ятими 120-сола (деҳаи Навобод), момои Майнаи - 110 сола, Ганҷал Азими - 100 сола (деҳаи Лангурхо-Ғазғарак), Бӣ-Зиннати - 116-сола (деҳаи Ворӣ-Амбрути хам), кампири Марями 104-сола (шаҳри Кӯлоб) ва сарчашмаҳои таърихӣ таҳия намудем.

Рӯзҳои 10-15 моҳи далв (аз 5-ум то 10-уми феврал) баъд аз ҷашни Сада мардони деҳаҳои Чилдухтарон, Ғеш, Момондиён, Лангар, Ваглел, Яхшол, Дифайдон, Тобасанг, Иёол, Гюрвор, Къри Шор, Ғазғарак, Лангурхо, Заранг, Ворӣ, Амбрути хам, Косатарош, Зӯъ, Ҷангалак, Навобод, Урсихо, Туданӣ, Девдор, Себдара, Мишкорон, Ҷилга Сурхалам маросими «Наврӯз - чил кунда бисӯз» - ро оғоз мекарданд. Онҳо дар Деволбарс, Бедихор, Қабоқ, Калои аспон аз дарахтони заранг, фарк, сарв, санавбар, сафедор, сиёҳбед, арча ҳезум тайёр мекарданд. Дар лахчаи он растаниҳои шифобахш, аз қабили испанд, зира, зелол, ахма, чоли арча дуд меандохтанд, ки бӯи хуши онҳо ба атроф паҳн мешуд.

Аз болои ин гулхан ҷаҳида, орзуву муроди хешро дархост менамуданд. Ҳамчунин, дар лахчаи оташ кабк, мурғи ҳилолу марҷон ва нахчири сайдшударо кабоб карда, то субҳ «Муноҷот» хонда, фалаксароӣ мекарданд. Маросими «Наврӯз -чил кунда бисӯз» то охирин шабҳои моҳи ҳут (10-20 –уми март) давом меёфт.

Аз рӯзҳои аввали моҳи ҳут (20-22-юми феврал) наврасон маросими «Гулгардонӣ»-ро шурӯъ мекарданд. Онҳо бо сарулибоси идона - тоқии чакан, ҷома ё хилъати зарбофти беқасаб, фута, рӯймоли гулдӯзӣ, шалвори ранга, мӯза (кафши чӯбӣ ё мӯкӣ) дар маросим ҳозир мешуданд.

Баъд аз фурӯ рафтани офтоб онҳо ба ду даста ҷудо шуда, дастаи аввал аз шимол ба ҷануб, дастаи дуюм аз шарқ ба ғарб деҳаро тай мекарданд. Дар дасти ҳар кадом асо, дар нӯги асо гулҳои сиёҳгӯш, зардак (гули наврӯзӣ) ва пудинаву райҳон бо садои най, дафу табл гулгардонӣ менамуданд. Яке аз суннатҳои ин маросим он буд, ки ҳангоми гул чидан, бӯй кардан ва ба рӯю дида молидани он абёти зеринро замзама мекарданд:

**Гул гуфт, ки ман мазҳаби динӣ дорам,**
**Ҳамроҳи расул ҳамнишинӣ дорам.**
**Бӯям зи Муҳаммад аст, рангам зи Алӣ,**
**Меҳри Ҳасану ҳусни Ҳусайнӣ дорам.**

Ба деҳа, ки меомаданд, дар назди дарвозаи сокинони он чунин тарона мехонданд.

Дастаи аввал:

**Гул гардонем, шохи гул гардонем,**
**Дар хонаи дӯсти худ мо меҳмонем.**

Дастаи дуюм:

**Гул ба даст меравад,**
**Дасти ба даст меравад.**
**Гул ба нокас надиҳед,**
**Гул ба шикаст меравад.**

Соҳибхона баъд аз бӯидану ба чашму абрӯ молидани гул ба гулгардонҳо як коса наск, наҳӯд, мушунгу лубӣ ё гандуму мош медод. Ба бачагони хурдсол нону ҳалво, кулча ё нахудшӯрак ҳадя мекарданд.

То «Наврӯзи бузург» ё «Наврӯзи калон» кишоварзон охири чилла ва аввали моҳи исфанд маросими «Говбаророн»-ро баргузор мекарданд. Пеш аз оғози шудгори рамзӣ бо равғани загир оши палав, қурутоб, кулчақалама, сӯзма (чалпак) пухта, дастархон меоростанд ва баъд аз он ба шохи барзаговҳо равған молида, заминро 1-2 хат ҷуфт мекарданд.

Духтараконi моҳпайкари деҳаи Ворӣ, Артихам нақши арӯси солро иҷро мекарданд, аз шохаҳои дарахти маҷнунбед ба сар гулчанбар месохтанд. Тибқи маълумоти бостоншиносон, гулчанбар сохтан аз навдаҳои тару маҳини бед таърихи беш аз сеҳазорсола дошта, дар миёни мардуми ориёӣ - скифҳо, саккоиҳо маъмулу машҳур буд.

Шаби чоршанбе духтарони деҳаи Ворӣ, Қабоқ, Ауртихам, Кодара маросими «бахткушоён» баргузор менамуданд. Духтарону занон ба лаби чашмаю хами мазор ба сайри чаман мерафтанд. Бо ҳавои дафу чанг мерақсиданд.

Ба фаро расидани Наврӯз дар мавзеи Терай – Навобод, Заранг, Лангурҳо, Анҷиркон, Къри Шол, Ворӣ, Ауртихам, Ҷангалак, Урсихо занҳо гирди ҳам омада, ба пухтани суманак оғоз мекарданд. Онҳо суманакҳои танӯрӣ, дегӣ, атолагӣ ва чанголиро ба мардуми деҳа тақсим менамуданд. Дар зарфҳое, ки суманак равон карда мешуданд, ширинӣ, меваи хушк, тутпус (пирқанд), намак ва сафедӣ - пахта ё газвор гузошта бармегардониданд.

Дар айёми Наврӯз дар Дашти Ҷам, Парвор, Ворӣ ва Навобод ҷавони ҷусту чолокеро «Шаҳи наврӯзӣ» интихоб карда, ба тахти рамзӣ мешинонданд, ки 5 рӯз «ҳукму фармонаш» иҷро мешуд. Дар ин бора Ҳофизи Шерозӣ низ хеле хуб фармуда: «Ки беш аз панҷ рӯзе нест ҳукми мири наврӯзӣ»!

Умуман, ҷашни Наврӯз дар деҳоти Дашти Ҷам, Терай, Давлатобод бо маросими «Дарвешона», «Наврӯз - чил кунда бисӯз», «Гулгардонӣ», «Бузкашӣ», «Пойгаҳ» ва «Гӯштин» то як моҳ идома меёфт. Наврӯзи бузург беш аз панҷ рӯз идома меёфт ва дар он бозиҳое чун «Ҷанги лагат», «Ало, ҷо ба ҷо маҳкам ҷо!», «Гӯштобонак», «Пайкар», «Хурӯсҷанг» ва «Таккаҷанг» баргузор мегардид.

Ҷашни хуҷастаи Наврӯз аз ҷониби дигар ҷашни дӯстдорону ошиқон аст. Ишқ ба зиндагӣ, ёру бародар, модару хоҳар, боғу бӯстон ва меҳан. Саъдӣ дар ин маврид мегӯяд:

**Одаме нест, ки ошиқ нашавад фасли баҳор,**
**Ҳар гиёҳе, ки ба Наврӯз наҷунбад ҳатаб аст.**

**Исматуллоҳи ЯЪҚУБЗОД,**
**узви ИЖТ, Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# КАМАР БАНДЕД ПАЙИ КИШТИ БАҲОРӢ

**Наврӯзи оламафрӯз фасли зиндашавии табиат, айёми гармшавии ҳаво ва баробаршавии соатҳои шабу рӯз аст. Он бо тамоми назокату зебоӣ ва шукӯҳу шаҳомат ба ҷисму рӯҳи мавҷудоти зинда неруи тоза мебахшад. Аз ин рӯ, ин фаслро «Арӯси сол» ва мавсими киштукор низ меноманд. Марди деҳқон бо як ҷаҳон умед, ба миён камари ҳиммат баста, ба замин дона мепошад, то хирманаш пурбаракат шавад:**

**Баҳор омад, ки он деҳқони корӣ,**
**Камар бандад пайи кишти баҳорӣ.**
**Ғанимат донад ин фасли накуро,**
**Кашад аз баҳри роҳат ранҷу хорӣ.**

Аҳли деҳаи Муъминободи деҳоти «Деҳқонобод»-и шаҳри Ҳисор тибқи одати неки ниёкон дар арафаи фарорасии Наврӯзи дилфарӯз ба ҳашари умумӣ баромада, дар кандану тозакунии ҷӯйборҳо, саҳни мактаб, атрофи оромгоҳ ва гулгашту арчазори маҳал саҳм гузоштанд.

Бо ташаббуси ҷавонмардони саховатпеша Муҳаммадалӣ Ҳикматуллозода, Зиёвиддини Абдулҳамид, Зикрулло Маликов, Орифҷон Раҳматов, Даврон Юнусов, Амриддин Ҳалимов ва Мақсуд Усмонов ниҳоли дарахтони ороишиву мевадиҳанда дастрас гардида, дар саҳни мактабу атрофи оромгоҳ, шафати роҳ ва мавзеъҳои холии деҳа шинонида шуд. Бояд гуфт, ки деҳаи мазкур дар шинонидану ба воя расонидани дарахтони ҳамешасабз намунаи ибрат аст.

- Дар арафаи Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар саҳни мактаб 200 ниҳоли дарахтони мевадиҳанда, 60 арча, 20 павлония ва 450 гули ороишӣ шинонидем. Нашъунамои ниҳолҳо зери назорати доимӣ қарор мегирад, - гуфт директори Муассисаи таълимии миёнаи умумии №30 Шӯҳрат Аминов.



Илова бар ин, шохҳои зиёдатии дарахтони бавоярасидаро хушсифат ба тартиб даровaрда, атрофи дарахтон пойбел ва танаашон сафед карда шуд. Накҳати гулҳои дарахтони зардолуву олу ва шафтолу ба гирду атроф паҳн гашта, димоғи касро муаттар мегардонад.

Бо ташаббуси раиси Хоҷагии ба номи Латиф Муродов Баҳриддин Солиев ба ихтиёри ҳашарчиён трактори ядак (присеп)-дор дода шуд, ки тавассути он партови аз ҷӯи наҳр тозашуда ба партовгоҳ интиқол шуд. Шоёни таҳсин аст, ки ҳар сол роҳбарияти хоҷагии мазкур чунин техникаи боркашро ба ихтиёри ҳашарчиён дода, баҳри тозагии соҳил саҳми арзанда мегузоранд.

- Чанд сол боз дар деҳа ҳар семоҳа ҳашари умумӣ эълон шуда, ҷӯю наҳрҳо тоза ва атрофи оромгоҳу кӯчаҳои деҳа поккорӣ ва рангубор карда мешавад. Азбаски деҳаи мо дар канори роҳи мошингарди Душанбе - Айнӣ - Ҳисор ҷойгир аст, баъзе ронандагону мусофирони аз маърифати экологӣ дур партовашонро канори роҳ мепартоянд. Маҷбурем партовҳои мазкурро ҷамъ намуда, ба партовгоҳ барем,- гуфт раиси маҳаллаи деҳаи Муъминобод Парвиз Муъминов.

Муттаҳидӣ ва тозагидӯстдории сокинони деҳаи мазкур ба дигарон намунаи ибрат мебошад. Дар озмуни «Беҳтарин деҳаи шаҳри Ҳисор», ки ба шарафи 3000 - солагии Ҳисори шодмон доир гардида буд, деҳаи Муъминобод сазовори ҷойи аввал гардид.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**

**Дар арафаи ҷашни Наврӯз зарур шуморидам аз ҳолу аҳволи ветерани меҳнат ва ҷанг Бозор Нағзибекови 97- сола хабар гирам.**
**- Номбурда чун пештара зиндадил аст ва ҳам хотираи хуб дорад. Танҳо аз дарди пой каме ранҷ мекашад, - гуфт ба ман яке аз наздиконаш.**

15-уми ноябри соли 1926 дар деҳаи Шуҷанди ноҳияи Рӯшон ба дунё омада, дар мактаб-интернату хонаи бачагони ноҳияи Рӯшону шаҳри Хоруғ таҳсил намудааст. Аз айёми наврасӣ қиссаҳои аҷибе нақл кард.

- Модари Ғоибназар Паллаев, собиқ Раиси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон Тоҷихон ном дошт ва дар интернат ҳам ошпаз буду ҳам мураббия. Ғоибназар аз ман чор сол хурдтар буд. Холаи Тоҷихон ба хотири фарзандаш аз шаҳри Ӯши Қирғизистон ба интернати Деҳбаста омад, то ягона ҷигарбандаш аз фарҳангу оини аҷдодии худ дур нашавад. Агар гӯям, ки мислаш дар вилоят он солҳо ошпази моҳир набуд,- хато намекунам, - гуфт ӯ.

Таҷлили ҷашни Наврӯзро дар соли 1940 хуб дар ёд дорад.

- Дар синфи шашум мехондаму таъкид карданд, ки аз пагоҳ ба ид омодагӣ мебинем. Мо, талабаҳо мувазааф шудем, ки синфхона ва хобгоҳамонро ба тартиб орем. Бар ивазаш холаи Тоҷихон хӯрокҳои болаззати идона пухт. Рӯзи дигар сари миз нишаста, интизори таом шудем. Баъд назди ҳар кас хӯроке гузоштанд, ки қаҳваранг буду ширин. Ин сумалак буд, ки ман бори аввал мазаи онро чашидам. Сумалакпазиро бори нахуст дар Мактаб - интернати деҳаи Деҳбастаи ноҳияи Шуғнон бо шарофати модари дӯстам Ғоибназар Паллаев дидам,- гуфт ӯ.

# АЗ ТАНОВУЛИ СУМАНАК ТО ШИРКАТ ДАР ПАРАДИ ҲАРБӢ



Фаъолияти меҳнатии қаҳрамони матлаб хеле барвақт оғоз ёфтааст. Баъд аз хатми Омӯзишгоҳи касбӣ - техникии №1-и шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) дар вазифаҳои гуногун кор карда, аз соли 1944 ба кори ҳизбӣ ва комсомолӣ мегузарад. Солҳои 1944 - 1945 дар вазифаи котиби якуми Кумитаи ноҳиявии Қалъаи Хумби ЛКСМ Тоҷикистон кор кард. Ариза навишта, ба мудофиаи Ватан рафт. Баъд аз хотимаи ҷанг ва аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС рухсат шудан роҳбарони вақтаи ҷумҳурӣ ӯро чун комсомоли фаъол котиби якуми Кумитаи ноҳиявии Қалъаи Лаби Оби ЛКСМ Тоҷикистон (ҳоло ноҳияи Тоҷикобод) таъин карданд. Солҳои 1949 - 1951 дар Мактаби дусолаи партиявии назди КМ ПК (б) Тоҷикистон таҳсил карда, дониши сиёсиашро мукаммал намуд.

Вақте ки вилояти Ғарм ташкил шуд, Бозор Нағзибековро котиби Кумитаи вилоятии комсомолии Ғарми ЛКСМ Тоҷикистон оид ба кадрҳо таъин карданд.

- Соли оянда 70 - солагии зиндагии якҷояамонро бо ҳамсарам Чиндагул ҷашн хоҳем гирифт. Бо шарофати ҳамдигарфаҳмӣ фарзандони сазовори давронро ба воя расондем. Серфарзандем, Меҳринисо Нағзибекова доктори илмҳои филология, профессор аст. Назаршо тоҷири муваффақ дар шаҳри Краснодар. Зебуннисо молшинос, Файзинисо полковники Вазорати корҳои дохилӣ, Гулнор духтури дандон ва Моҳитобон молшинос аст.

Ӯ 70 сол боз сокини шаҳри Душанбе мебошад. Солҳои 1954 - 1955 мудири шуъбаи ташкилии Кумитаи ноҳиявии Сталинободи ПК (б) Тоҷикистон, 1955 - 1957 котиби ташкилоти партиявии МТС-и №1-и ноҳияи Сталинобод, директори Комбинати хӯроквории саноати маҳаллии шаҳри Душанбе, солҳои 1963- 1965 директори чойхонаи «Роҳат» ва солҳои 1965-1967 муовини директори тарабхонаи «Вахш» кор кардааст.

Заҳматҳояш бо ордени Сталин, медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941- 1945» (1945), «Ба ифтихори 100 - солагии зодрӯзи В.И.Ленин» (1970), «30 - солагии Ғалаба дар ҶБВ солҳои 1941- 1945» (1975), «Ветерани меҳнат» (1978), се Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон (солҳои 1948, 1949 ва 1954) қадр шудааст.

9-уми майи соли 2010 муяссар гардид, ки дар Паради ҳарбӣ бахшида ба 65 - солагии Ғалаба бар фашизм дар Майдони Сурхи шаҳри Москва иштирок кунад. Ҳамон вақт ба ӯ медали «65 - солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941- 1945» тақдим карданд.

Чун узви Шӯрои ветеранҳои ҷангу меҳнати шаҳри Душанбе аз соли 2006 дар чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ иштирок мекард. Як соли охир дарди пой ранҷаш медиҳаду бештари вақт дар хона аст.

Рӯзе ки ба аёдаташ рафтем, хонааш пур аз меҳмон буд. Ба дидорбиниаш котиби Кумитаи ҳизби коммунисти Тоҷикистон Заррагул Мирасанова ва афсарон - намояндагони Базаи ҳарбии 201-и Федератсияи Россия дар Тоҷикистон омада буданд. Дар рӯйи миз сабзаи навхези сумалак ва дар косаҳо суманаки нав пухташуда гузошта буданд. Мавсуф меҳмононро ба чашидани суманак даъват карда, айёми таҳсил дар мактаб - интернати Деҳбаста ва аввалин суманакхӯриашро бори дигар ба хотир овард.

**Тиллои НЕКҚАДАМ, «Садои мардум»**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14-уми апрели соли 2023 озмуни № 5-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| № | Дорандаи баланс | Суроғаи ҷойгиршавии иншооти иҷора | Тавзеҳоти иншооти иҷора | Таъиноти истифодабарӣ | Мӯҳлати иҷора | Нархи ибтидоии солонаи иҷораи иншоот (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | ш.Кӯлоб, Ҷамоати Зиракӣ, д. Бахтобод | масоҳати 9 м$^2$ аз ҳисоби толори баромадгоҳи фурудгоҳ | савдо | 1 сол | 6480 |
| 2 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | ш.Кӯлоб, Ҷамоати Зиракӣ, д. Бахтобод | масоҳати 2 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи дуюми толори фурудгоҳ | хизматрасонӣ | 1 сол | 4320 |
| 3 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | ш.Кӯлоб, Ҷамоати Зиракӣ, д. Бахтобод | масоҳати 7,5 м$^2$ аз ҳисоби толори баромадгоҳи фурудгоҳ | савдо | 1 сол | 6300 |
| 4 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | ш.Кӯлоб, Ҷамоати Зиракӣ, д. Бахтобод | масоҳати 2 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми толори фурудгоҳ | хизматрасонӣ | 1 сол | 4320 |
| 5 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | ш.Кӯлоб, Ҷамоати Зиракӣ, д. Бахтобод | масоҳати 7,5 м$^2$ аз ҳисоби назди толори баромадгоҳи фурудгоҳ | савдо | 1 сол | 6300 |
| 6 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | ш.Кӯлоб, Ҷамоати Зиракӣ, д. Бахтобод | масоҳати 2 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми толори фурудгоҳ | савдо | 1 сол | 4320 |
| 7 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | ш.Кӯлоб, Ҷамоати Зиракӣ, д. Бахтобод | масоҳати 18 м$^2$ аз ҳисоби толори фурудгоҳ | савдо | 1 сол | 9720 |
| 8 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | ш.Кӯлоб, Ҷамоати Зиракӣ, д. Бахтобод | масоҳати 2 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми толори фурудгоҳ | савдо | 1 сол | 4320 |
| 9 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | ш.Кӯлоб, Ҷамоати Зиракӣ, д. Бахтобод | масоҳати 4 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои фурудгоҳ | савдо | 1 сол | 4080 |
| 10 | Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе | ш.Душанбе, кӯчаи Шамсӣ - 5/3 | масоҳати 215 м$^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 1 сол | 33060 |
| 11 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ» | ш.Душанбе, кӯчаи Саноӣ - 33 | масоҳати 36 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | савдо | 1 сол | 13000 |
| 12 | Муассисаи давлатии «Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик» | ш.Душанбе, х.Н.Қарабоев - 17 | масоҳати 78 м$^2$ аз ҳисоби анборхона | анбор | 1 сол | 9240 |
| 13 | Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе» | ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 126 | масоҳати 294 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | истеҳсолӣ | 1 сол | 17280 |
| 14 | МД «Маркази ҷумҳуриявии бемориҳои дил» | ш.Душанбе, кӯчаи И.Сомонӣ - 59 «а» | масоҳати 128 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | хизматрасонӣ | 3 сол | 14400 |
| 15 | Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе» | ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 126 | масоҳати 508,15 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | истеҳсолӣ | 2 сол | 26400 |
| 16 | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ - 146 | масоҳати 53 м$^2$ аз ҳисоби бинои хобгоҳи №1 | хизматрасонӣ | 3 сол | 7200 |
| 17 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода - 31 | масоҳати 40,04 м$^2$ аз ҳисоби назди даромадгоҳи муассиса | савдо | 3 сол | 11660 |
| 18 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров | ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 9 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои таълимии №2, воқеъ дар микроноҳияи 26, х.И.Сомонӣ | савдо | 3 сол | 2110 |
| 19 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» -и ноҳияи Спитамен | н.Спитамен, кӯчаи Б.Ғафуров - 2 | масоҳати 9 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | сартарошхона | 3 сол | 1650 |
| 20 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | ш.Душанбе, кӯчаи Мушфиқӣ - 77 | масоҳати 35 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | маъмурӣ | 3 сол | 6120 |
| 21 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | ш.Душанбе, кӯчаи Варзишгарон - 5 | масоҳати 29 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | хизматрасонӣ | 3 сол | 5400 |
| 22 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил» | ш. Душанбе, х.И.Сомонӣ - 59 «А» | масоҳати 36 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | савдо | 3 сол | 9350 |
| 23 | Муассисаи давлатии «Сирки давлатии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев - 2 | як утоқи корӣ бо масоҳати 41,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | маъмурӣ | 2 сол | 5120 |
| 24 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии н.Б.Ғафуров | н.Б.Ғафуров, кӯчаи Мӯсобеков - 20 | масоҳати 270,4 м$^2$ аз ҳисоби қисми болои канали калони Фарғона, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ғафуров | савдо | 5 сол | 6490 |
| 25 | КВД «Маркази миллии ташхису табобат ва таълимӣ» | ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ - 48 | масоҳати 33,64 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | савдо | 3 сол | 10800 |
| 26 | КВД «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои сутунмуҳра» | ш.Душанбе, кӯчаи И.Сомонӣ - 59 | масоҳати 10 м$^2$ аз ҳисоби бинои марказ | хизматрасонии тиббӣ | 3 сол | 3300 |
| 27 | Филиали ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ»-и ш.Гулистон | ш.Гулистон, кӯчаи Истиқлол - 113 | масоҳати 3 м$^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 1 сол | 1800 |
| 28 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев - 52 | масоҳати 1,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои дастгоҳи марказии агентӣ барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ (банкомат) | хизматрасонӣ | 1 сол | 2005 |
| 29 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ - 24 | масоҳати 1,2 м$^2$ барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ (банкомат) | хизматрасонӣ | 1 сол | 2005 |
| 30 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ» | ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев - 248 | масоҳати 1,2 м$^2$ барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ (банкомат) | хизматрасонӣ | 1 сол | 2005 |
| 31 | Муассисаи давлатии «Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев» | ш.Душанбе, кӯчаи Сино - 43 | масоҳати 1,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои асоси барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ (банкомат) | хизматрасонӣ | 1 сол | 2005 |
| 32 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х. С.Шерозӣ - 16 | масоҳати 1,5 м$^2$ аз ҳисоби бинои асоси барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ (банкомат) | хизматрасонӣ | 1 сол | 2005 |
| 33 | Бонки миллии Тоҷикистон | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ - 23/2 | масоҳати 1,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои воқеъ дар х. Рӯдакӣ - 23/2 барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ (банкомат) | хизматрасонӣ | 1 сол | 2005 |
| 34 | Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев - 365 | масоҳати 1,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса барои гузоштани таҷҳизоти бонки (банкомат) | хизматрасонӣ | 1 сол | 2005 |
| 35 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, кӯчаи Шероз - 33 | масоҳати 1,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ (банкомат) | хизматрасонӣ | 1 сол | 2005 |
| 36 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ - 17 | масоҳати 1,2 м$^2$ аз ҳисоби биноҳои №11-12 донишгоҳ барои гузоштани таҷҳизоти бонки (банкомат) | хизматрасонӣ | 1 сол | 2005 |
| 37 | Маркази техникии телевизион ва радиои ҷумҳуриявии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, кӯчаи Беҳзод - 7$^а$ | масоҳати 1,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои Хонаи радио барои гузоштани таҷҳизотҳои маблағгузарони (терминал), воқеъ дар к.Шероз - 31 | хизматрасонӣ | 1 сол | 2005 |
| 38 | Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов | ш.Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода - 155 | масоҳати 105,5 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | хӯроки умумӣ | 1 сол | 16080 |
| 39 | ҶСНК «Ваҳдатгаз» | ш.Ваҳдат, кӯчаи Хуросон - 14 | масоҳати 70 м$^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 1 сол | 15000 |
| 40 | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров | ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков - 1 | масоҳати 6,25 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди назди бинои таълимии №1 | савдо | 1 сол | 1200 |
| 41 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, кӯчаи Ҷ.Расулов - 6/7 | утоқи кории №23 бо масоҳати 24 м$^2$ аз ҳисоби бинои №25А | утоқи корӣ | 1 сол | 10800 |
| 42 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, кӯчаи Ҷ.Расулов - 6/7 | утоқи кории №15 бо масоҳати 17 м$^2$ аз ҳисоби бинои №32А | утоқи корӣ | 1 сол | 6120 |
| 43 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш.Душанбе, кӯчаи И.Сомонӣ - 59 | масоҳати 25 м$^2$ аз ҳисоби бинои АТС | савдо | 1 сол | 6000 |
| 44 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ - 139 | масоҳати 9 м$^2$ аз ҳисоби дукони маводи хӯрокаи №2 | савдо | 1 сол | 8900 |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21. Тел: 221-73-74, 221-33-66 ва дар шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1, тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **www.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.GKI.tj** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 7-уми апрели соли 2023 музоядаи № 10-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| № | Номгӯйи амвол | Миқдор | Воҳиди ченак | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Сарпӯши спирт | 30 000 | адад | 15000 |
| 2 | Пойафзоли гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 356 | адад | 284800 |
| 3 | Тенискаҳои гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 161 | адад | 24150 |
| 4 | Куртаҳои гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 154 | адад | 23100 |
| 5 | Куртаҳои остиндарозу калтаи ҳарранга ва гуногунандоза | 335 | адад | 50250 |
| 6 | Шимҳои гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 342 | адад | 68400 |
| 7 | Костюмҳои гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 271 | адад | 352300 |
| 8 | Костюмҳои гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 82 | адад | 106600 |
| 9 | Пойафзолҳои гуногунтамға (туфли - кросовки) тамғаҳои Giovane Rossi 36, Latanzi 7, Louis Gabor 9, Franco Brue 4, Salvatove Ferragama 29, Fabi 8, Fabio Lucetti 2, Komcero 5, Studio wolpino 7, Luis Gabor 43, Bagoza 23, Massimo casanoua 2, Jon Richardo 5, Moreschi 1, Gartiero 2, Saluro 3, Shoes 1, Clasica 2, Guardi 4, Franco Brue 2, Roberto verbano 2, Valentino 5, Carlo conte 6, Tods 8 ва туфлиҳои қуттиҳояшон беном - 17 адад, гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 233 | адад | 186400 |
| 10 | Тагпӯшҳои мардонаи гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 188 | адад | 3760 |
| 11 | Ҷӯробҳои гуногунтамға | 20 | адад | 300 |
| 12 | Кепкаҳои гуногунтамға | 15 | адад | 600 |
| 13 | Тагпӯши мардонаи (тринашка) гуногунтамға | 11 | адад | 330 |
| 14 | Куртаҳои гуногунтамға, ки 9 адади онҳо теniska ва футболка мебошанд, ҳарранга ва гуногунандоза | 155 | адад | 18600 |
| 15 | Тенискаҳои гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 167 | адад | 20040 |
| 16 | Шортикҳои «адидас» ва «хек» | 15 | адад | 900 |
| 17 | Шими классикии гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 44 | адад | 8800 |
| 18 | Шимҳои ҷинсҳои гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 20 | адад | 7000 |
| 19 | Бриджаҳои гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 21 | адад | 1680 |
| 20 | Шими классикии гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 31 | адад | 6200 |
| 21 | Галстукҳои гуногунтамға | 188 | адад | 9400 |
| 22 | Духии тамғаи «Savage» | 20 | адад | 3000 |
| 23 | Духии тамғаи «Cannel di Blue» | 15 | адад | 4500 |
| 24 | Духии тамғаи «Invictag» | 11 | адад | 1540 |
| 25 | Духии тамғаи «Bvlgari» | 155 | адад | 31000 |
| 26 | Духии тамғаи «Fraiche» | 167 | адад | 38410 |
| 27 | Ветровкаҳои гуногунтамға | 15 | адад | 4500 |
| 28 | Шими ҷинси гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 44 | адад | 15400 |
| 29 | Футболкаҳои гуногунтамғаи ҳарранга ва гуногунандоза | 20 | адад | 3000 |
| 30 | Болопӯши спортивка | 6 | адад | 1200 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

Funded by European Union Humanitarian Aid | IFRC | Finnish Red Cross | German Red Cross | Croce Rossa Italiana

## ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ), ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарики рушд - Салиби Сурхи Олмон дастгирӣ меёбанд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

**Аз рӯи лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити буҳрони гуманитарӣ ва тандурустӣ» (ECHO PPP):**

**Лоти 1:** Таъмин ва дастрас намудани маводи озуқаворӣ;

**Лоти 2:** Таъмин ва дастрас намудани маводи гигиенӣ ва маводи ошхона;

**Лоти 3:** Чопи маводи иттилоотӣ;

**Лоти 4:** Ҳамлу нақли маводу таҷҳизот (боркашонӣ).

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи маълумотномаҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андоз ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва тасснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Мӯҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: то 7-уми апрели соли 2023, соати $17^{00}$ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНҲО ВА ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 414159 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №158-и ноҳияи Сино | Таъмири ҷории дохили бино ва гурӯҳҳои Муассисаи давлатии таълими томактабии №158-и ноҳияи Сино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.03.2023 10:15:00 |
| 2 | 414132 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи ҷумҳуриявии хореографии ба номи М.Собирова» | Молҳои канселярӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва барқӣ, либосҳои саҳнавӣ, асбобҳои мусиқӣ, таҷҳизоти тақвияти овоз, моноблокҳо, кондитсионер, флеш-кортҳо ва дискҳои оптикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 53 | 27.03.2023 16:30:00 |
| 3 | 414126 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ- кӯдакистони №20» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 4.04.2023 15:23:26 |
| 4 | 414127 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Васл ва насби таҷҳизоту воситаҳои воқифкунанда аз сӯхтор барои биноии хобгоҳи №6 ва иваз намудани датчикҳои биноии МИИ «Фарматсия» МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», намуди БОЛИД | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 4.04.2023 15:25:00 |
| 5 | 414128 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №124» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 4.04.2023 15:48:38 |
| 6 | 414131 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 4.04.2023 15:55:22 |
| 7 | 414133 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №157»- и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 4.04.2023 16:02:48 |
| 8 | 414129 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Таҷҳизот ва асбобҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 4.04.2023 16:45:00 |
| 9 | 414130 | Мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони нобинои шаҳри Ҳисор | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 4.04.2023 16:56:56 |
| 10 | 414139 | Бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд | Тӯби коғазии панҷрангаи идона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 4.04.2023 19:30:00 |
| 11 | 414138 | Мактаб-интернати кӯдакони ятиму бепарастори ноҳияи Вахш | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 4.042023 19:30:10 |
| 12 | 414140 | Муассисаи давлатии бучетии таҳсилоти миёнаи умумии Россия - Тоҷикистон «Мактаби миёнаи умумӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида дар шаҳри Хуҷанд ба номи А.П.Чехов» | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 4.04.2023 19:35:00 |
| 13 | 414141 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» -и шаҳри Левакант | Сӯзишвориҳо ва равғани муҳаррики дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 4.04.2023 19:35:55 |
| 14 | 414142 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Бохтар | Реагентҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 4.04.2023 19:40:35 |
| 15 | 414143 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Чайхун» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 4.04.2023 19:50:15 |
| 16 | 414144 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Панҷ | Сӯзишвории дизелӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 4.04.2023 20:00:55 |
| 17 | 414145 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷ.Балхӣ | Бензини навъи АИ-95 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 4.04.2023 20:05:40 |
| 18 | 414146 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои шаҳри Бохтар | Асфалти гарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 4.04.2023 20:20:55 |
| 19 | 414147 | Беморхонаи марказии ноҳияи Ёвон | Таҷҳизоти ултрасадо (УЗИ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 4.04.2023 20:30:40 |
| 20 | 414148 | Муассисаи давлатии «Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи гурӯҳи шаҳру ноҳияҳои Бохтари вилояти Хатлон» | Таъмири бинои Муассисаи давлатии «Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи гурӯҳи шаҳру ноҳияҳои Бохтари вилояти Хатлон» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 4.04.2023 20:40:30 |
| 21 | 414149 | Маркази вилоятии бемориҳои пӯсту сироятокунандаи ҷинсии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Таъмири ҳуҷраҳои шуъбаи бистарии Маркази бемориҳои пӯсту сироятии ҷинсии вилояти Хатлон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 4.04.2023 20:45:40 |
| 22 | 414150 | Маркази вилоятии равонпизишкӣ дар вилояти Хатлон | Таъмири утоқҳои корӣ ва ҳуҷраҳои бемористон ва дармонгоҳи Маркази вилоятии равонпизишкӣ дар вилояти Хатлон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 4.04.2023 20:50:50 |
| 23 | 414151 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №4-и «Ситора»-и шаҳри Панҷакент | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 4.04.2023 20:55:55 |
| 24 | 414152 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №5-и «Гулгунча»-и шаҳри Панҷакент | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 4.04.2023 21:00:00 |
| 25 | 414153 | Муассисаи таҳсилоти томактабии № 1 | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 4.04.2023 21:02:02 |
| 26 | 414156 | Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ ва варзишӣ, таҷҳизоти техникӣ ва масолеҳи масрафӣ, маводи чопӣ, мебели идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 5.04.2023 10:00:00 |
| 27 | 414158 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 5.04.2023 10:40:27 |
| 28 | 414134 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Молҳои хоҷагидорӣ, гигиенӣ, барқӣ, сантехникӣ, либосҳои махсуси корӣ, гармкунаки равғанӣ, плитаи барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 206 | 5.04.2023 16:50:00 |
| 29 | 414136 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Молҳои хоҷагидорӣ, молҳои нарм, машинаҳои алафдаравӣ ва принтерҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 5.04.2023 17:00:00 |
| 30 | 414137 | Стансияи ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Хоруғ | Бензини АИ-92 ва сӯзишвории дизелии тамғаи DT-L-K3 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 5.04.2023 17:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ЭЪЛОН!
## КУМИТАИ ДИН, ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БАРОИ ИШҒОЛИ МАНСАБҲОИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ЗЕРИН ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:**

**1. Мутахассиси пешбари шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

*Маоши мансабӣ - 1286,50 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**2. Мутахассиси пешбари шуъбаи молия ва хоҷагии кумита - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

*Маоши мансабӣ - 1286,50 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.*

**Барои иштирок дар озмун аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:**

- ариза ба номи раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона сурати андозаи 4х6 (маълумотҳои шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли №038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат;
- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд. **e-mail: info@din.tj**

Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ -14, индекс: **734013**, (992 372) 23-12-58

**Сомонаи кумита - www.din.tj , сомонаи Агентии хизмати давлатӣ - www.ahd.tj**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии №337931– и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 1-и ноҳияи Москва (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) соли 1974 ба Миралиева Момаджон додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи таваллуд бо силсилаи АА №5567920 таҳти № 16-и гумшуда, ки онро мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Москва (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) 21-уми январи соли 1957 ба Миралиева Момаджон додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи нафақавии силсилаи П0 48-и гумшуда, ки онро Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Султонбеков Амонбек Шириншоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Раҳмон Набиев, кӯчаи Роҳи нав, ҳавлии №300 ба Самадов Ҷурабек Мулажонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0469497 ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи бақайдгирии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 19-уми феврали соли 2021 ба Ғафуров Хушбахт Рустамович додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ бо рақами инвентарии 778-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Ҳисор 12-уми июни соли 1993 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, колхози Москва, деҳаи Гулистон ба Қодиров Мирзо додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба Саидов Анваршо Анварович (РЯМ 1230189905, РМА 125589710) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А № 03198228-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 13-уми феврали соли 2020 ба Назаров Давлаталӣ Иматбекович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи баҳисобгирии шахсони ҳуқуқӣ ва рақами мушаххаси андозсупорандаи гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Сино 15-уми декабри соли 2009 ба ҶДММ «Граф полиграф» додааст, эътибор надоранд.

✓ Аттестати силсилаи БР №524-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Шаҳринав соли 1987 ба Гулова Сабагул Кавраковна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе соли 2014 таҳти қайди 896 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 2-юми кӯчаи Хуҷандӣ, ҳавлии №6 ба Холмуратов Нуриддин Қобилҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии тарабхонаи «Симин»-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти қайди 2257 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ – 76 тарабхонаи «Симин» ба Комилова Шаҳноза додааст, эътибор надорад.

✓ Патент барои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2017 ба Хуҷамурод Сайфудини Авғонзода (РЯМ 0331312264) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Нурматов Шавкатжон Джамалидинович (РМА 126237097) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат хатми таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Шаҳринав соли 1984 ба Очилдиев Аҳтамҷон Муродҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А01926099-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 28-уми майи соли 2019 ба Собиров Баҳодур Гадойбоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат 17-уми ноябри соли 1992 бо суроғаи шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 5, квартираи 4 таҳти қайди 10-2762 ба Ҳашимова Дилбар додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси №1075 аз китоби №1, саҳифаи 3 фасли китоби бақайдгирии биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ҷудогонаи гумшуда, ки онро К;ДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе, бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Гипрозем, бинои 30/1, квартираи 105 санаи 25-уми октябри соли 2017 ба Мирзаев Анваржон Шамсиддинович барои пешниҳод кардан ба филиали ҶСП «Аввалин Бонки молиявии хурд» додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи АN№0434939-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии шаҳри Душанбе 22-юми апрели соли 2014 таҳти рақами 9944 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Анзоб, ҳавлии 180/1 ба Азизов Наҷмидин додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан methavonad бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 17 марти соли 2023, соати 18:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35540 нусха*

Навбатдорони шумора Ҳ. Тоҳирӣ, А. Мирзоев ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97